Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ХАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

№4 (12437)
25 январи
соли 2024

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

АЗ ПАЁМ ТО ПАЁМ

Рушди маориф – омили пешрафт ва суботи давлат

Аз баланд бардоштани сифати таълим то омӯзиши забонҳои хориҷӣ, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот

Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат ҳамчун роҳнамои аҳли маориф дар пешрафту шукуфоии кишвари азизамон нақши муассир мегузоранд. Зеро дар онҳо тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии мамлакат мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифта, барои вусъати фаъолияти минбаъда ба вазорату идораҳо ва мақомоти дахлдор дастуру супоришҳои мушаххас дода мешавад. Мусаллам аст, ки дар Паёмҳои Пешвои миллат ба соҳаҳои илму маориф таваҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир шуда, нақши маорифу илм дар пойдориву устувории иқтисодиёт муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин ҷост, ки дар заминаи Паёмҳо ва дастуру супоришҳои Сарвари давлат Вазорати маориф ва илм тадрбирҳои судманд меандешад. Вобаста ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дастоварду мушкилоти соҳа бо вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода суҳбат оростем.

– Ба ҳамагон маълум аст, ки маориф дар меҳвари сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, баҳри пешрафти ин соҳаи ҳаётан муҳим мунтазам тадбирҳои судманд андешида мешавад. Далели ин гуфтаҳо пайваста зиёд гардидани маблағгузории соҳа мебошад. Мехостем нахуст доир ба маблағгузории соҳа андешаҳои хешро баён мекардед.

– Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун дастури раҳнамо барои аҳли маориф хидмат намуда, дар рушду пешрафти соҳа такони ҷиддӣ мебахшад. Зеро маориф асоси бунёди ҷомеаи навин ва пешрафти давлат маҳсуб меёбад. Пешвои миллат дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23.12.2022) қайд карданд: «Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад. Бинобар ин, ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад».

Аз ҳамин нуқтаи назар, маълум мегардад, ки воқеан, рушди маориф, баланд гардидани сатҳу сифати таълим ва арҷ гузоштан ба заҳматҳои омӯзгорон дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Шоистаи таъкид аст, ки маблағгузории соҳаи маориф сол аз сол афзоиш ёфта, дар соли 2023, дар маҷмуъ, 7,2 миллиард сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2022 13% зиёд мебошад. Ҳамзамон, дар соли 2024 маблағгузорӣ ба соҳаи маориф 8,2 миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки ин нисбат ба соли 2023 13% зиёд аст. Вобаста ба ин, Пешвои миллат дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ (28.12.2023) зикр намуданд: «Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки Ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад. Дар ин радабандӣ мамлакати мо аз 183 кишвари таҳти омӯзиш қарордошта ҷойи 21-умро ишғол менамояд».

Воқеан ҳам, яке аз омилҳои пешрафти соҳа маблағгузории устувори он мебошад ва ин раванд дар кишвари мо бомаром идома дорад. Ба ин мазмун, аз як тараф, сатҳу сифати таълим баланд мегардад, аз ҷониби дигар, шароиту имконоти мусоид фароҳам оварда мешавад. Ҳамин аст, ки дастоварди хонандагони тоҷик дар озмуну олимпиадаҳои бонуфузи байналмилалӣ зиёд гардида, дар ин самт Тоҷикистон дар қатори беҳтарин давлатҳои ҷаҳон қарор дорад. Дар баробари ин, озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ

(Давомаш дар саҳ. 2-3)

ДАР ИН ШУМОРА:

5 Ҷомуси таъриху фарҳанги миллат

11 Эҳсоси нотавонӣ ва хурофотзадагӣ

12 Муаррифи фарҳанги тоҷикон



13 Математикаро бояд донист

АЗ ПАЁМ ТО ПАЁМ

Рушди маориф – омили пешрафт

(Аввалаш дар саҳ. 1)

зиёд шуд, ки шавқи омӯзишу мутолиаро дар замири хонандагон бештар намуд. Озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» далели ин гуфтаҳост.

– Яке аз самтҳои асосии соҳаи маориф вусъат бахшидани фаъолияти таҳсилоти томактабӣ мебошад. Зеро маҳз дар ҳамин давра кӯдакони хурдсол ҳамаҷониба ба муассисаҳои таълимӣ омода карда мешаванд. Тибқи нақшаи дурнамо, фарогирӣ дар ин зинаи таҳсилот то соли 2030 бояд ба 50 фоиз расонида шавад. Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва сатҳу сифати таълим дар онҳоро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

– Воқеан, таваҷҷуҳ ба ҳамаи зинаҳои таҳсилот аз муҳимтарин вазифаҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Сарвари давлат дар Паёми хеш таъкид намуданд: «Ҳадафи асосии давлат ва Ҳукумати мамлакат аз таваҷҷуҳи хосса ба соҳаи илму маориф аз он иборат аст, ки сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баланд бардошта, насли ояндасози кишвар бо фаро гирифтани илму дониши муосир барои рушди минбаъдаи ичтимоиву иқтисодии Ватани хеш, пешрафти давлат ва ҳифзи марзу буми сарзамини аҷдодӣ омода карда шавад». Ин дастури Пешвои миллат мо, аҳли илму маорифро водор месозад, ки бо масъулияти баланд пайваста дар баланд бардоштани маърифати хонандагону донишҷӯён, беҳтар намудани раванди таълиму тарбия ва мустаҳкам намудани шароити моддиву техникии муассисаҳои таълимии кишвар таваҷҷуҳи ҳамаҷониба зоҳир намоем.

Шоистаи таъкид аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳ ба бунёди муассисаҳоли таҳсилоти томактабӣ зиёд гардид ва ҳамагон шоҳидем, ки ҳамасола теъдоди зиёди кӯдакистонҳо мавриди истифода қарор дода мешаванд. Дар зинаи таҳсилоти томактабӣ тағйироти инфрасохторӣ ба амал омада, заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам гардид. Вобаста ба рушди ин зинаи таҳсилот солҳои 2021-2023 даҳ санади меъёрӣ қабул шуд. Афзоиши фарогирии кӯдакон ба кӯдакистон ва марказҳои рушди кӯдакон аз 15,6%-и соли 2021 ба 20,2% дар соли 2023 расонида шуд. Ҳамкории давлат ва шарикони рушд дар ҷодаи таҷдиду сохтмони муассисаҳо таҳвият ёфта, дар се соли охир 50 кӯдакистони хусусӣ бунёд гардид.

Дар ин самт яке аз масъалаҳои ҳалталаб дар муассисаҳои томактабӣ маҳорату малакаи касбии мураббиён ва омӯзгорон ба шумор меравад. Ин нукта зимни суханронии Пешвои миллат низ дар Рӯзи дониш таъкид гардид, ки сатҳу сифати таълиму тарбия аз сатҳи дониш ва маҳорати касбии кормандон вобастагӣ дорад.

Бо мақсади иҷрои талаботи банди Стратегияи миллии рушди маорифи Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 Барномаи алтернативии такмили ихтисоси мураббиёни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва омӯзгорони марказҳои инкишофи кӯдак, ҳамчунин, Дастурамали вазифавии ҳайати роҳбарикунанда ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаи муайян намудани мазмуни таълиму тарбияи томактабӣ ва Тартиби дастрасии таълиму тарбияи томактабӣ барои кӯдакони дорои имконияти ҷисмонӣ ва равонии маҳдуд бо барномаҳои таълимӣ таҳия ва тасдиқ карда шуд.

Низомномаи марказ (гурӯҳ)-и инкишофи кӯдак таҳия ва барои тасдиқ ба вазорату идораҳо ирсол гардид. Айни ҳол дар самти томактабӣ 2 барномаи давлатӣ амалӣ мешавад, ки дар беҳтар намудани шароити таълиму тарбия мусоидат менамояд.

Воқеан, зинаи таҳсилоти томактабӣ омили баланд гардидани сатҳу сифати таълим мебошад, зеро дар ин зинаи таҳсилот тафаккури кӯдакон шакл мегирад ва нерую зеҳни онҳо ташаккул меёбад. Бинобар ин, Ҳукумати Тоҷикистон ба ин зинаи таҳсилот таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамояд. Зеро бо рушди техникаву технологияи муосир имконоту шароит дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ такмил ёфтааст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар ин самт баҳри фароҳам овардани шароити мусоид тадбирҳои судманд андешида шавад. Вазорати маориф ва илм низ ҳамвора талош менамояд, ки бо истифода аз имконоти мусоид аз як тараф, фарогирӣ ба ин зинаи таҳсилотро зиёд намояд, аз ҷониби дигар, ҷиҳати дар оянда ба камол расондани насли донишманду боистеъдод заминаи мусоид фароҳам орад.

– Дар Паёмҳои Пешвои миллат масоили омода намудани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ аз вазифаҳои муҳимтарин маънидод мегардад. Дар ин самт Вазорати маориф ва илм кадом корҳоро ба сомон расондааст?

– Дар шароити тағйирёбии бавусъати ҷаҳони муосир таълиму тарбия ва баланд бардоштани маърифати ҷомеа аз муҳимтарин вазифаҳо маҳсуб меёбад. Раванди ҷаҳонишавӣ моро вазифадор менамояд, ки мутахассисонеро омода кунем, ки ҳам аз техникаву технологияи муосир бархӯрдор бошанд ва ҳам бо забонҳои хориҷӣ такаллум карда тавонанд. Ин омил, аз як тараф, ба рушду пешрафти кишвар мусоидат намояд, аз ҷониби дигар, илму маорифи мамлакатро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ мекунад. Дар баробари ин, омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ такон бахши иқтисодиёти кишвар мебошанд. Мусаллам аст, ки дар мамлакат ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръат ба омӯзиши амиқи фанҳои дақиқ ва ҷалби наврасону ҷавонон иртиботи амиқ дорад. Ҳамасола шоҳид мегардем, ки дар Тоҷикистон коргоҳу корхонаҳои зиёди саноатӣ мавриди истифода қарор мегиранд, ки ин омил моро вазифадор менамояд, мутахассисонеро омода кунем, ки бевосита дар раванди бомароми иқтисодиёт саҳмгузор бошанд. Вазорати маориф ва илм низ кӯшиш менамояд, ки ба ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён дар ҷодаи омӯзишу фанҳои дақиқ қадамҳои устувор гузорад. Барои ин озмуну олимпиадаҳои гуногун роҳандозӣ гардидаву наврасону ҷавонон ба омӯзиши фанҳои дақиқ шавқманд мегарданд. Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» таваҷҷуҳи наврасону ҷавононро дар самти омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ бештар намуд.

Сол то сол сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ беҳтар ва роҳу усулҳои муассиру нави таълим роҳандозӣ мегарданд. Бо мақсади ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, муайян намудани сатҳи воқеии дониши хонандагон, ҳавасмандгардонӣ ва омода намудани онҳо дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот ва гузариш ба низоми бисёрҳолаи баҳогузорӣ «Дастурамали меъёрҳои 10-холаи баҳодиҳӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шуд.

Падидаи дигари тозаи ислоҳоти соҳа ба анҷом расидани таҳияи китобҳои дарсии насли нави ба муносибати босалоҳият нигаронидашудаи забони тоҷикӣ ва математика барои синфи 5, ҳамчунин, таҳияи дастур ва барномаи таълимии синфҳои ибтидоӣ маҳсуб меёбад, ки иқдоми ҷиддӣ дар самти маориф буда, аз хусусиятҳои заминавӣ, системавӣ ва устувор пайдо кардани ин ислоҳот шаҳодат медиҳад. Ҳоло барои таҳияи тамоми китобҳои дарсӣ вобаста ба муносибати босалоҳият барои тамоми синфҳои мактабӣ корҳои омодагӣ оғоз ёфтааст.

Натиҷаи ҷамъбасти мониторинги гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайян намуд, ки азхудкунии барномаҳои таълимӣ дар ҷумҳурӣ ба 90,4% ва сифати таҳсилот ба 33,4% баробар мебошад. Дар ин росто, натиҷаи мониторинги бахшҳои идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ низ муайян намуд, ки сифати таҳсилот ба 39,8% ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ 78,9%, нисбат ба соли 2022 сифати таҳсилот 4,9%, азхудкунии барномаҳои таълимӣ 0,8% ва натиҷаи мониторинги шуъбаҳои идоракунии сифати таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нишон дод, ки сифати таҳсилот ба 40,3% ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ ба 83,2%, нисбат ба соли 2022 сифати таҳсилот 1,5% ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ 0,3% баланд гаштааст.

Соли 2023 дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ бо мақсади мутобиқ намудани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба талаботи замони муосир ва ба танзим даровардани фаъолияти онҳо 17 санади меъёрии ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбӣ таҷдиди назар, таҳия ва тасдиқ гардида, 1 санад дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Дар ин давра «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», иҷрои стратегияҳо ва барномаҳои донишгоҳӣ, омода кардани мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳои барномасозӣ, ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳозир гардидани довталабони тибқи квотаи Президентӣ дохилгардида, бо сабабҳои гуногун хориҷ гардидани донишҷӯёни тибқи квотаи Президентӣ таҳсилкунанда дар 1 соли охир, натиҷаи сессияи тобистонаи соли таҳсили 2022-2023, натиҷаи аттестатсияи давлатии хатмкунандагон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, бо сабабҳои гуногун аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар хориҷ гардидани донишҷӯён дар як соли охир, табодули академии донишҷӯён дар дохил ва хориҷи кишвар дар 3 соли охир ва фаъолияти факултетҳои муштараки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар 3 соли охир мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шуд.

Масъалаи дигаре, ки дар Паёмҳои Пешвои миллат таъкид мегардад, омӯзиши забонҳои хориҷӣ мебошад, зеро бе омӯзиши забонҳои хориҷӣ наметавон дар ҷаҳони муосир муваффақ гардид. Аз ин ҷост, ки дар ҷумҳурӣ «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул гардидааст ва дар он муҳиммияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ зикр шудааст.

– Мусаллам аст, ки баланд бардоштани такмили ихтисоси омӯзгорон ба баланд гардидани сатҳу сифати таълим мусоидат мекунад. Зеро ин омил имкон фароҳам меорад, ки аз як тараф, омӯзгорон аз навгониҳои соҳа бархӯрдор гарданд ва аз ҷониби дигар, донишу ҷаҳонбинии хешро такмил бахшанд. Дар ин ҷода Вазорати маориф ва илм кадом корҳоро ба сомон расондааст?

– Дар ҷаҳони муосир, ки дар ҳама соҳаҳо дигаргуниҳо ба вуҷуд меояд, мунтазам такмил бахшидани донишу ҷаҳонбинии омӯзгор муҳим мебошад. Зеро раванди босуръати рушди техникаву технологияи муосир таҳозо менамояд, ки омӯзгорон мунтазам ба омӯзишу мутолиа машғул гарданд, аз техникаву технологияи муосир ба таври муассир ва ҳамаҷониба огоҳӣ дошта бошанд ва дар раванди таълиму тарбия аз он самаранок истифода кунанд. Такмили ихтисоси омӯзгорон дар шароити кунунии пешрафти илму техника ва талаботи нави иқтисодиву ичтимоӣ омили муҳим дар баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, масъалаи мазкур дар Паёму суханронихои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам таъкид мегардад.

Бо мақсади густариш бахшидани низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маориф санади меъёрии «Тартиби такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» бо дарназардошти навгониҳо ва талаботи замони муосир таҷдиди назар ва тасдиқ карда шуданд.

Барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос таҷдиди назар гардида, илова ба курсҳои анъанавӣ, бори нахуст барномаҳои таълимии курсҳои фосилавӣ низ коркард шуданд.

Дар баробари ин, фарогирии омӯзгорон ба такмили ихтисос дар сатҳи баланд роҳандозӣ гардида, тибқи нақша омӯзгорон аз такмили ихтисос мегузаранд ва навгониҳои соҳаро дар ҷараёни таълим татбиқ менамоянд.

– Яке аз мушкилоти соҳа нарасидани омӯзгорон дар муассисаҳои таълимӣ ба ҳисоб меравад. Сол то сол зиёд гардидани муассисаҳои таълимӣ ва шумораи аҳолӣ

Дар Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи шаҳри Душанбе доир ба аҳамияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҳамоиш баргузор гардид.

АЗ ПАЁМ ТО ПАЁМ

ва суботи давлат

талабот ба мутахассисони омӯзгориро бештар мегардонад. Барои бартараф намудани мушкилоти мазкур чӣ тадбирҳо андешида шудааст?

– Омӯзгорон равшанибахш ва нуру зиёи ҷомеа мебошанд ва таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо мутахассисони варзидаи соҳаи омӯзгорӣ аз муҳимтарин вазифаҳои Вазорати маориф ва илм ба шумор меравад. Чунки маҳз омӯзгорони босаводу донишманд ва дорои ҷаҳонбинии васеъ метавонанд мутахассисони шоистаро ба камол расонанд. Бинобар ин, таъмини муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ яке аз масъалаҳои асосӣ дар соҳаи маориф маҳсуб ёфта, он ба раванди бомаром ва муваффақонаи таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон ҳамбастагии амиқ дорад.

Соли таҳсили 2023-2024 муассисаҳои таълимӣ ба 4353 нафар омӯзгор эҳтиёҷ доштанд. Бо мақсади таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ, соли 2023 дар 14 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 13 муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тақсимоти мутахассисони ҷавон гузаронида шуд.

Дар асоси тақсимоти мазкур 3432 нафар хатмкардаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, аз ҷумла, 2685 нафар бо таҳсилоти олии касбӣ ва 747 нафар бо таҳсилоти миёнаи касбӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сафарбар гардиданд, ки аз шумораи мазкур 669 нафар тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз ин теъдод 2386 нафар ё 69,5% ба ҷойи кор ҳозир гардиданд. Дар баробари ин, роҳҳои муассири ҷалби омӯзгорон фароҳам оварда шудааст, то ки омӯзгорон ба омӯзиш шавқманд гарданд. Ба ин маънӣ, Вазорати маориф ва илм дар асоси шартномаи чорҷониба ҷалби омӯзгорон ба муассисаҳои таълимиро ба роҳ мондааст, ки ин тарзи муносибат, аз як сӯ, омӯзгорони ҷавонро ба таълиму тарбия шавқманд менамояд, аз сӯйи дигар, ба ин васила мушкилоти норасоии омӯзгорон тадричан бартараф карда мешавад.

– Пешвои миллат чиҳати рушди бонизоми соҳаи маориф, баланд бардоштани мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиди таълиму тарбия барои наврасону ҷавонон, беҳтар намудани сатҳу сифати таълим ва маърифатмандии миллат ва тарбия кардани кадрҳои ба талаботи замон ҷавобгӯй тадбирҳои судманд меандешанд. Барои баланд бардоштани мақоми омӯзгорон ва арҷгузорӣ ба фаъолияти онҳо кадом корҳо ба анҷом расонида шудаанд?

– Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам талош менамояд, ки мақому манзалати омӯзгорон дар ҷомеа баланд бардошта шавад. Зеро имкону шароити мусоид омӯзгоронро вазифадор мекунад, ки ба таълиму тарбия таваҷҷуҳи бештар зоҳир кунанд ва масъулияти хешро дар сатҳи баланд ичро кунанд. Дар ин маврид Пешвои миллат бамаврид таъкид доштанд: «... мо дар сиёсати ичтимоии Давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дониста, барои рушди ин соҳаи муҳимми низоми ичтимоӣ ҳамаи чораҳои заруриро роҳандозӣ карда истодаем».

Ҳамин аст, ки ҳамасола теъдоди зиёди омӯзгорон бо унвону ҷоизаҳои давлатӣ қадрдонӣ мегарданд ва дар баробари ин, озмунҳои гуногун барои ҳавасманд гардонидани омӯзгорон роҳандозӣ гардидааанд, ки ба вусъати фаъолияти онҳо мусоидат менамоянд.

Шоистаи таъкид аст, ки бо дастури Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сол то сол маоши омӯзгорон зиёд магардад. Аз июли соли 2024 музди меҳнати кормандони соҳаи маориф ва илм ба андозаи 40% зиёд мешавад, ки ҷиҳати баланд бардоштани мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиди беҳтари таълиму тарбия ва ба ин васила, шароити ичтимоию иқтисодии кормандон сабаб мегардад.

Дар баробари ин, барои ҳавасманд гардонидани омӯзгорони муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» (аз 03.05.2006, №197) дар соли 2023 ба 128 нафар мутахассиси ҷавон қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои бунёди хонаи истиқоматӣ, 9 нафар бо қитъаи замин барои боғдорӣ ва полезкорӣ ва 315 нафар бо қарзи имтиёзнок таъмин карда шуданд, ки дар маҷмуъ, 452 нафарро ташкил медиҳад.

– Дар замони соҳибистиқлолӣ бунёди иншооти муассисаҳои таълимӣ вусъати тоза пайдо кард ва теъдоди зиёди муассисаҳои таълимӣ мавриди истифода қарор мегиранд ва ин омил имкон фароҳам меорад, ки аз як тараф, сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ беҳтар гардад, аз ҷониби дигар, ба пешрафти соҳа мусоидат менамояд. Соли равон дар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ чӣ қадар муассисаи нави таълимӣ сохтаву мавриди истифода қарор дода шуд?

– Дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ (23.12.2022) қайд гардид, ки дар зарфи 31 соли Истиқлоли давлатӣ 3430 муассисаи нави таълимӣ барои қариб якуним миллион хонанда сохта, ба истифода дода шуд. Ҳол он ки дар 70 соли замони гузашта ҳамагӣ 3229 муассисаи таълимӣ бунёд гардида буд. Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар 2 миллиону 300 ҳазор нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Дар соли 2022 дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 199 бинои муассисаи таълимӣ ва бинои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ барои 44 910 ҷойи нишаст ба маблағи 615 млн. 961 ҳазор сомонӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Мавриди зикр аст, ки соли 2023 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 212 бинои муассисаи таълимӣ ва бинои иловагӣ бо 45 564 ҷойи нишаст дар як баст мавриди истифода қарор дода шуд. Дар доираи нақшаи амали «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои соҳаи маорифи вилояти Хатлон барои солҳои 2022-2027» дар марҳалаи якум (солҳои 2022-2024) дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 36 бинои муассисаи таҳсилоти умумӣ барои 11 124 ҷойи нишаст сохтмону азнавсозӣ гардид, ки 20,80%-и ичрои барномаро ташкил медиҳад. Инчунин, дар доираи барномаи мазкур сохтмону азнавсозии 84 иншооти дигар барои 21884 ҷойи нишаст идома дорад.

Падидаи равшани вусъати корҳои сохтмону таҷдиди муассисаҳо, амалишавии лоиҳаҳои байналмилалӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд мебошад, чунки соли сипаришуда бо ҷалби сармояи хориҷӣ 49 бинои муассисаи таҳсилоти умумӣ ва бинои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ барои 11 818 ҷойи нишаст сохта, мавриди истифода қарор дода шуд.

Таҳлили муқоисавии рақамҳо нишон медиҳад, ки сол то сол раванди бунёдкориҳо дар кишвар вусъати тоза пайдо карда, дар ин миён сохтмони муассисаҳои нави таълимӣ равнақи тоза ёфта, шароити мусоиди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ фароҳам оварда шудааст.

– Маълум аст, ки ислоҳот дар соҳаи маориф бомаром идома дорад ва маблағгузорӣ ба ин соҳаи ҳаётан муҳим тадричан зиёд мегардад. Вазифаҳое, ки дар назди Вазорати маориф ва илм қарор доранд, кадомҳоянд?

– Дарвоқеъ, ислоҳот дар соҳаи маориф бомаром идома дорад, дар ин раванд, аз ҷумла, татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим, ҳамзамон, бо дарназардошти талаботи сиёсиву ичтимоии кишвар ва дастовардҳои замони Истиқлол мазмуну мундаричаи китобҳои дарсӣ куллан бознигарӣ карда шуд. Мусаллам аст, ки сармоягузорӣ ба соҳаи маориф сармоягузорӣ ба ояндаи миллат мебошад ва шароити таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ беҳтар гардидаааст. Дар ин миён, вазифаҳое, ки дар назди аҳли маориф қарор доранд, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, омӯзиши фарогири забонҳои хориҷӣ, истифодаи самараноки технологияи муосир дар раванди таълим, тақвият бахшидани омӯзиши фанҳои дақиқ ва ворид гардидан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот мебошад. Гумон мекунам, вазифаҳои муҳимме, ки бояд дар назди аҳли маориф қарор гиранд, дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии мамлакат (28.12.2023) ба таври мушаххас зикр гардиданд: «...бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад». Дар ин замина, таъкид намуданд: «Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад. Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад. Зеро бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад».

– Ҳарчанд суҳбати мо дар атрофи дастовардҳои соҳаи маориф аз Паём то Паём аст, аммо дар охир мехоҳам, таваҷҷуҳи Шуморо ҷиҳати гузариш ба низоми баҳогузории 10-хола ва истифодаи планшету телефони мобилӣ дар ҷараёни таълим ҷалб намоям, ки имрӯзҳо баҳсу мунозираҳо атрофи масоили мазкур дар шабакаҳои ичтимоӣ ҷараён дорад. Дар ин бобат чӣ андеша доред?

– Воқеан ҳам, имрӯзҳо дар шабакаҳои ичтимоӣ доир ба масъалаҳои зикршуда баҳсу мунозираҳо идома доранд, ки мо низ маводу матолиби нашршударо мунтазам пайгирӣ менамоем. Бояд қайд кард, ки гузариш ба низоми баҳогузории 10-хола тақозои замон буда, таҷрибаи ҷаҳонӣ собит намудааст, ки меъёри баҳогузории 5-хола дониши воқеии хонандагонро инъикос карда наметавонад. Аз як тараф, меъёрҳои дақиқи баҳогузории фаннӣ пурра риоя намегардад, аз ҷониби дигар, боиси воқеӣ набудани баҳо ва тобеияти он ба нигоҳу мақоми омӯзгор вобаста аст. Аз ин рӯ, зарурати гузариш ба низоми нави баҳогузории бисёрхола дар шароити имрӯза ба миён омадааст. Дар раванди баҳогузории мавҷуда, асосан, аз се баҳо – 3 (миёна), 4 (хуб), 5 (аъло) истифода мекунанд, ки ин меъёр барои баҳо гузоштан ба дониши воқеии хонандагон кофӣ нест. Инчунин, дар низоми мавҷуда хонандагон ба гурӯҳҳои «аълохон», «хубхон», «сехон» ва «духон» ҷудо шудааанд, ки ба андешаи мутахассисон, чунин тарзи баҳогузорӣ ба ҳолати равонии хонандагон таъсири манфӣ мерасонад.

Зарурати гузариш ба низоми баҳогузории 10-хола дар он зоҳир мешавад, ки таъмини воқеият ва шаффофияти баҳодиҳӣ ба комёбиҳои таълимии хонанда, мусоидат намудан ба баланд бардоштани дастовардҳои инфиродӣ ва таъмини худомӯзии хонандагон, ташкили шароит барои ҳавасмандсозии фаъолияти таълимию маърифатӣ, истифодаи доираи инфиродии таҳсилии хонандагон, таъмини барқарории робитаи доимӣ байни омӯзгор, хонанда, волидайн, маъмурият ва ҳайати педагогии муассисаи таълимӣ бахри такмили ҷараёни таълим, ташкили фазои мусоиди равонӣ дар ҷараёни баҳогузорӣ, роҳ надодан ба ҳолатҳои харобкунандаи асаби хонанда таъмин мегардад. Аз ин рӯ, зарурате ба миён омадааст, ки бо мақсади ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, муайян намудани сатҳи воқеии дониши хонандагон, ҳавасмандгардонӣ ва омода намудани онҳо дар зинаҳои минбаъдаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ низоми бисёрхолаи баҳогузорӣ ҷорӣ шавад.

Шоистаи таъкид аст, ки аз таҳияи лоиҳаи ичозати истифодаи телефонҳои мобилӣ дар нишасти матбуотии вазорат шаш моҳ қабл иттилоъ дода шуд. Ин ташаббус бо он мақсад буд, ки мушкили норасоии китоби дарсӣ аз байн равад ва хонанда тавонад, нусхаҳои электронии китобҳои дарсиро дар раванди таълим самаранок истифода кунад. Яъне, истифодаи планшету телефони мобилӣ бо ҳадафҳои таълимӣ буд, на бештар аз ин. Аммо дар ин муддат, бо фароҳам омадани имконоти мусоид ва дарёфти сарчашмаҳои дигари маблағгузорӣ Вазорати маориф ва илм тавонист бо чопи муназзами китобҳо муассисаҳои таълимиро қариб пурра бо китоби дарсӣ таъмин намояд. Бинобар ин, лоиҳаи мазкур вобаста ба истифодаи телефону планшетҳои таълимӣ дар раванди дарс татбиқ намегардад.

– Ташаккур барои суҳбат.

– Саломат бошед.

Мусоҳиб
Эҳсон САФАРЗОДА,
«Омӯзгор»

Байни Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Донишгоҳи Лусейли Қатар созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расид.

Некӣ сифатест, ки исроф дар он ҷоиз аст.
Ҷон Голсуорси

«Омӯзгор»
№4, 25 январи
соли 2024

АХБОР

Иштирок дар расми ифтитоҳи кӯдакистон

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар хиёбони Нусратулло Махсуми ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Муассисаи томактабии хусусии «Ахтарак»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Дар рафти шиносоӣ ба Раиси шаҳри Душанбе иттилоъ дода шуд, ки масоҳати умумии иншоот 4000 метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Бино дар асоси қарори Раиси шаҳри Душанбе бунёд гардида, аз таҳхона ва се ошёна иборат ва барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани 200 кӯдак дар 10 гурӯҳ пешбинӣ гардидааст.

Пас аз мавриди истифода қарор гирифтани иншоот барои 26 нафар ҷойи кори доимӣ фароҳам мегардад. Иншоот дорои ошхона бо 70 ҷойи нишаст, анбор барои нигоҳдории маводи хӯрока, ҳуҷраи ҷомашӯӣ, толори варзишӣ, гимнастикаи бадеӣ, синфхонаҳои таълими мусиқӣ, машғулият, ҷойҳои хобу истироҳат, ҳуҷраҳои корӣ, маркази хизматрасонии тиббӣ ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон мебошад.

Раиси шаҳри Душанбе масъулинро вазифадор намуданд, ки пеш аз ҳама дар самти баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, тарбияи кӯдакону наврасон дар руҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, таъмини шароити хуби тарбия ва риояи қоидаҳои беҳдоштии кӯдакон диққати аввалиндараҷа зоҳир намоянд.

Баррасии масоили муҳим

18 январи соли ҷорӣ дар Вазорати маориф ва илм таҳти раёсати вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода ҷаласаи назоратӣ баргузор гардид. Дар он муовинони вазири маориф ва илм, сардорони раёсат, шуъба, бахши дастгоҳи марказии вазорат, роҳбарони муассисаҳои тобеъ ва сардори шуъбаи маорифи шаҳри Истаравшан иштирок намуданд.

Нахуст вазири маориф ва илм ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа шинос намуда, иброз дошт, ки соҳаи маориф зери таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат қарор дошта, сол то сол маблағгузорӣ ба соҳаи маориф афзоиш меёбад, ки он барои рушди соҳа шароити мусоид фароҳам меорад.

Сипас ҳисоботи мудири шуъбаи маорифи шаҳри Истаравшан С. Аминзода оид ба «Вазъи маорифи шаҳри Истаравшан дар соли 2023» шунида шуд.

Раиси ҷаласа зимни баррасии масъалаи мазкур қайд намуд, ки мувофиқат ва пешниҳоди дурусти маълумотҳои оморӣ, ҷалб ва дастгирии омӯзгорони ҷавон, ҳозиршавии мутахассисони ҷавон ба ҷойи кор, бартараф намудани норасоии кадрӣ дар муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия, фарогирии кӯдакон ба кӯдакистонҳо ва марказҳои инкишофи кӯдак, сохтмони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, ташкили махзани маълумотҳои оморӣ, азхудкунии барномаҳои таълимӣ аз ҷониби хонандагони муассисаҳои таълимӣ, таъмини хонандагон бо мавод ва китобҳои дарсӣ, дохилшавии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии дохил ва хориҷи кишвар, тарбияи ватандӯстии хонандагон, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои мамнуъ, зиёд намудани иштирокчиёни озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, беҳтар ба роҳ мондани давраи зимистонгузаронӣ шароити мусоидро дар рушди соҳаи маорифи шаҳри Истаравшан ва дар кул, рушди соҳаи маорифи тамоми ҷумҳурӣ фароҳам меорад. Аз ин рӯ, масъулини соҳаи маорифро мебояд, ки вобаста ба масъалаҳои болозикр ва бартараф намудани норасоиҳо чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Дар охир вазири маориф ва илм бори дигар ба масъулин ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм, стратегия, барнома, консепсия, қарорҳои ҳайати мушовара ва фармоишҳои вазири маориф ва илм дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

17 январи соли ҷорӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода ҷаласаи корӣ баргузор гардид, ки дар он муовини якуми вазири маориф ва илм, муовинони вазири маориф ва илм, сардорони раёсатҳои дахлдори Вазорати маориф ва илм ва роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иштирок намуданд.

Вазири маориф ва илм дар оғоз иброз дошт, ки иҷро намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат дар самти омода кардани мутахассисони баландихтисос, аз ҷумла, баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, беҳтар кардани сатҳи забондонии донишҷӯён, таҳкими бахшидани ҳисси миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, худшиносиву худогоҳии онҳо, гирифтани пеши роҳи гаравидани донишҷӯён ба ҳар гуна ҳаракату созмонҳои тундраву террористӣ унсури асосӣ ба шумор меравад.

Дар ин замина зарур аст, ки баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Роҳбарияти олии кишвар ва беҳтар намудани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, махсусан, дар самти додани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ чораҳои дахлдор андешида шавад.

Дар охир миёни иштирокчиёни ҷаласа мубодилаи афкор сурат гирифт ва бо дарназардошти фикру пешниҳодҳо қарорҳои дахлдор қабул карда шуд.

Вохӯрӣ бо директорони мактабҳои Президентӣ ва литсейҳои ҷумҳуриявӣ

18-уми январи соли равон дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи корӣ таҳти роҳбарии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода баргузор гардид, ки дар он муовинони вазири маориф ва илм, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм, роҳбарони муассисаҳои тобеъ, директорони мактабҳои Президентӣ ва литсейҳои ҷумҳуриявии шаҳру ноҳияҳои кишвар иштирок намуданд.

Нахуст вазири маориф ва илм иброз дошт, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маорифро соҳаи афзалиятноки сиёсати давлатдории хеш эълон намуда, пайваста барои баланд бардоштани сифати таҳсилот, зиёд намудани маоши омӯзгорон, бо техникаву технологияи муосир муҷаҳҳаз гардонидани муассисаҳои таълимӣ, тайёр намудани мутахассисони соҳибтаҷриба ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнати дохиливу ҳориҷӣ тамоми чораҳоро меандешанд. Бо дастгириҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар ҷумҳурӣ 76 гимназия, 83 литсей, 8 мактаби Президентӣ барои кӯдакони болаёқат, 6 литсейи ҷумҳуриявӣ барои хонандагони болаёқат ва 1 гимназияи ҷумҳуриявӣ фаъолият менамоянд.

Сардори раёсати муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вазорат Шарофиддин Асомиддинзода оид ба вазъи фаъолияти мактабҳои Президентӣ, литсей ва гимназияҳо дар шаҳру ноҳияҳои кишвар суҳан гуфта, дар бораи

норасоиҳои ҷойдошта маълумот дод. Таҳлили фаъолияти мактабҳои Президентӣ ва литсейҳои ҷумҳуриявӣ барои хонандагони болаёқат нишон медиҳад, ки онҳо бо кадрҳои ихтисосманд таъмин мебошанд.

Дар охир вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуд, ки кормандону омӯзгорони муассисаҳои таълимии мақоми ҷумҳуриявиро зарур аст, ки бо истифода аз таҷрибаи ғанӣ ва иқтидори педагогии мавҷуда баҳри дастовардҳои беҳтар талош варзида, хонандагону омӯзгоронро барои иштирок дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ омода намоянд ва ҷиҳати ҳалли масъалаҳои зикргардида ва ислоҳи камбудиҳо тадбирҳои амалӣ андешанд.

Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ватандӯстӣ дар мадди назар

Дар Маркази таҳсилоти иловагии вилояти Суғд бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ташкил ва баргузор намудани озмуни вилоятии ҳарбӣ-варзишии «Ватанпарвар» семинар - машварат бо мушовирони ҳарбӣ - варзишии раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо баргузор гардид. Дар он дар мувофиқа бо мушовирон ҷадвали баргузории озмун дар минтақаҳо тартиб ва шарҳ дода шуд.

Озмуни вилоятии ҳарбӣ-варзишии «Ватанпарвар» бо мақсади ташвиқу тарғиби ҳисси ватандӯстӣ, тарғиби хизмат дар сафи Қуввоҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи феврал байни хонандагони синфҳои 9-11-и муассисаҳои таълимии вилоят ташкил ва баргузор карда мешавад.

Нуъмон РАҶАБЗОДА, «Омӯзгор»

Дар шаҳри Давҳа масъалаи татбиқи лоиҳаҳои муштараки сармоягузории Тоҷикистон ва Қатар дар соҳаи сайёҳӣ баррасӣ шуд.

ИБТИКОР

Муҳаққиқони ҷавон дастгирӣ меёбанд

Ҷоизаи Раиси шаҳри Душанбе барои муҳаққиқони ҷавон дар самти илмҳои дақиқ, адабиёт, рӯзноманигорӣ, санъат, меъморӣ, техникаву технология ва инноватсияву ихтироъкорӣ таъсис ёфт.

Ҷоизаи Раиси шаҳри Душанбе барои қадршиносии хизматҳои шоистаи муҳаққиқони ҷавон, дастгирӣ, ҳавасмандгардонӣ, баланд бардоштани лаёқати эҷодӣ ва рушду инкишофи иқтидори илмӣ дар самти илмҳои дақиқ, адабиёт, рӯзноманигорӣ, санъат, меъморӣ, техникаву технология ва инноватсияву ихтироъкорӣ таъсис дода шудааст.

Ҷоизаҳо аз рӯйи тартиби зайл баҳогузорӣ мешаванд.

Илмҳои дақиқ – фаъолияти илмиву эҷодӣ дар самти рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ.

Адабиёт (китобҳои илмӣ, бадеӣ, адабӣ, ашъор, осор).

Рӯзноманигорӣ (мақолаҳо, маводи иттилоотӣ, барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ, гузоришҳои хабарӣ (ба корҳо дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон бартарият дода мешавад).

Санъат (сароянда гӣ, раққосӣ, таррохӣ, ҳунармандии саҳнавӣ, расмҳои кашидаи дорои хусусияти тарбиявӣ, портрет, пейзаж, нақшу нигор ва ғайра).

Меъморӣ (лоиҳаҳои сохтмонӣ, боғу гулгаштҳои фарҳангию фароғатӣ, марказҳои ҷавонон, фавворахо, майдончаҳои варзишӣ ва ғайра, ки истифодаи онҳо ба шароити шаҳри Душанбе мувофиқ бошад).

Техникаву технология – такмили сохти таҷҳизот ва мошинҳо, такмили конструксияҳои сохтмонӣ, бино ва иншоот, сарфаи энергия ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда, такмили фаъолияти меҳнатӣ, паст намудани таъсири бухрони молиявию иқтисодӣ, барномасозӣ, ихтироъкорӣ дар самти технологияҳои иттилоотӣ, компютерӣ (ба корҳо дар самти ташаккули махзани иттилоотӣ, аз ҷумла, дар соҳаи ҷавонон бартарият дода мешавад).

Инноватсияву ихтироъкорӣ; татбиқи коркардҳои инноватсионӣ дар самти рушди неруи инсонӣ, рушди инфрасохтор, амалан татбиқ намудани чор самти стратегии мамлакат, кам намудани сатҳи камбизоатӣ, бехатарии фаъолияти инсон ва экология, амалисозии усулҳои нави таълим ва таҳқиқоти илмӣ, истифодаи маводи навин бар ивази маводи мавҷуда, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ.

Қабули ҳуҷҷатҳо барои иштирок дар озмун бо суроғаи **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ – 40, тавассути Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе то 5 марти соли 2024, соати 17:00 муқаррар мегардад.**

Телефон барои тамос (+37) 2217283, 2216736, 936881122, 934603031, 811070101, **email:** joizadushanbe@gmail.com, gulzod@mail.ru

МАСЪУЛИЯТ

Дар тарбияи кӯдакон таъхир нашояд

Баъди тавлиди тифл волидон бештар ба он аҳамият медиҳанд, ки кӯдак бенуқсу комил ба воя расад. Оё дар ҳақиқат ҳама чунин рафтор мекунанд ва ба тарбияву таълими фарзандон сидқан камар мебанданд?

Дар Конвенсия «Дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак» гуфта шудааст: «…шахсе кӯдак ба шумор меравад, ки синнаш ба 18 нарасида бошад». Ҳамчунин, таъкид шудааст, ки кӯдакон баъзан бо сабабҳои оҷизии худ ба ғамхорӣ ва муҳофизати махсус муҳтоҷанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба поймолкунии ҳуқуқи кӯдакон роҳ дода намешавад, кӯдакон аз ҳуқуқҳои зиёде бархурдоранд. Давлат уҳдадор гардидааст, ки аз ҳар гуна ҳуқуқпоймолкунӣ онҳоро муҳофизат намояд ва ҷиҳати муҳофизати ҳуқуқи онҳо чорахои зарурӣ андешад.

Ҳоло ҳамаи амалиёт, кӯшишу ғайрат нисбат ба кӯдак дар ҷумҳуриамон пурра манфиати онҳоро ба назар мегирад.

Яке аз сабабҳои пурзӯр гардондани назорат аз болои фарзандон ва дар навбати худ аз имтиёзҳои хеш истифода бурдани фарзандон, ба тасвиб расидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аст. Мақсади ниҳоии ин қонун пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, аҳли ҷомеа, бахусус, падару модарон бояд ҳамеша дар ин масъала масъулияти бештареро ба зиммаи хеш бигиранд. Ҳолатҳое мешавад, ки бачаро гап задан намонда, фикри худамонро ба ӯ таҳмил мекунем. Ин, албатта, хатост. Аввал ин ки мо ҳуқуқи ӯро поймол менамоем ва дигар ин, ки кӯдак дамдузду тарсончак ба воя мерасад. Чунин тарзи муомила бо вай минбаъд самараи нек нахоҳад овард. Кӯдакон ояндаи моянд. Бешубҳа, аз онҳо умеди калон дорем, то дар пирӣ дасти моро бигиранд. Пас, ҳоло барои тарбияи ҳамаҷонибаи онҳо бояд таъхир нанамоем, вагарна умедҳоямон барбод хоҳанд рафт.

Сабоҳат АБДУЛЛОЕВА,
омӯзгори синфҳои ибтидоии МТМУ №67-и ноҳияи Сино

СОЗАНДАГӢ

Сохтмони кӯдакистон дар Ганҷобод

Ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳраки Ганҷободи Ҷамоати шаҳраки Суғдиёни ноҳияи Мастчоҳ сохтмони кӯдакистони наву замонавӣ оғоз гардид.

Он аз 2 ошёна ва таҳхона иборат буда, барои 240 нафар пешбинӣ гардидааст.

Лоиҳаи бино бо назардошти талаботи соҳа омода гардида, мувофиқи он ҳар гурӯҳ дорои утоқҳои алоҳидаи хобу истироҳат, машғулиятгузаронӣ, хӯрокхӯрӣ, дастшӯй ва либосивазкунӣ мебошад. Баробари ин, утоқҳои алоҳидаи таълимиву корӣ низ ҷой дода шуда, дар таҳхонаи он ду ҳавзи шиноварӣ ва бунёди 8 айвон ба нақша гирифта шудааст.

Ҳоло дар ноҳияи Мастчоҳ 12 кӯдакистон фаъолият менамояд, ки дар онҳо 1400 кӯдак ба тарбия фаро гирифта шудаанд.

Нуъмон РАҶАБЗОДА,
«Омӯзгор»

ВАТАНДӮСТӢ

Қомуси таъриху фарҳанги миллат

Дар арсаи байналмилалӣ ҳар як халқу миллатро аз рӯйи фарҳанг ва тамаддунаш мешиносанду қадр менамоянд. Зумрае бо корномаи мондагорашон дар саҳифаҳои таъриҳ мавқеъ пайдо намудаанд. Яке аз онҳо Абулқосим Фирдавсӣ мебошад, ки бо асари безаволи худ «Шоҳнома» машҳури олам гардидааст.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 5-уми декабри соли 2023 зимни суханронӣ дар Симпозиуми байналмилалӣ ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров дастур доданд, ки ба хотири огоҳии ҳар чи бештари мардум аз таъриху фарҳанг ва тамаддуни аҷдоди хеш «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ нашр ва ба тамоми мардуми мамлакат дастрас карда шавад.

«Шоҳнома» танҳо баёнгари таъриҳи шоҳони пешдодию каёнӣ, ашконию сосонӣ ва хонадонҳои дигари мулки Аҷам нест. «Шоҳнома» донишномаи ҳикмату ахлоқ, базму рамз, фарҳангу тамаддун, расму оин, асотиру таъриҳ ва анвои илму ҳунар мебошад».

«Шоҳнома» ба даҳҳо забони халқу қавмиятҳои олам тарҷума шуда, перомуни он садҳо асари илмӣ ва фарҳангу донишнома иншо гардидааст. Оид ба арзиши ахлоқиву тарбиявии «Шоҳнома» муҳаққиқон фикру назари гуногунро баён намуда, дар тарбияи инсоний афкору андеша ва андарзҳои Фирдавсиро пурарзиш қаламдод кардаанд.

Муҳаққиқи номвари тоҷик Абдулманнони Насриддин дар мақолаи худ «Фирдавсӣ» менависад: «Шоҳнома» танҳо баёнгари таъриҳи шоҳони пешдодию каёнӣ, ашконию сосонӣ ва хонадонҳои дигари мулки Аҷам нест. «Шоҳнома» донишномаи ҳикмату ахлоқ, базму рамз, фарҳангу тамаддун, расму оин, асотиру таъриҳ ва анвои илму ҳунар мебошад». Масъалаи ахлоқ ва тарбияи инсон дар меҳвари шоҳасари Фирдавсии Тӯсӣ қарор дорад. Қариб дар ҳар саҳифаи ин китоб абёти пандомез ба назар мерасанд.

Ба ақидаи Абулқосим Фирдавсӣ, некиву накукорӣ аз хислатҳои начиби инсонӣ ба шумор мераванд. Шоир ба аҳли башар тавсия медиҳад, ки ба ҳамдигар меҳрубон бошанд ва ба якдигар танҳо некӣ кунанд, зеро амали неки ҳар як шахс ҷовидонӣ аст:

Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.

Некиву накукорӣ, ба ақидаи шоир, аз беҳтарин хулқу атвори инсонӣ ба шумор меравад:

Набошад ҳаме неку бад пойдор,
Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.

Васфу ситоиши хирад, илму дониш дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар ҷойи аввал меистад. Фирдавсӣ асари бузурги худ «Шоҳнома»-ро бо ситоиши хирад шуруъ намудааст. Донишу хирад ҳамчун чароғи раҳнамои ҳаёти инсонӣ одамонро ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Тавоноии ҳар як инсон, обру ва эътибори ӯ маҳз ба илму дониш вобастагии қавӣ дорад:

Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

Хирадро аз тамоми фазилатҳои инсонӣ беҳтару болотар мешуморад:

Хирад афсари шаҳриёрон бувад,
Хирад зевари номдорон бувад.

Андешаҳои ватандӯстӣ дар «Шоҳнома» мавқеи муҳим дорад. Фирдавсӣ таъкид мекунад, ки бояд ҳар як инсон ҳамчун шахси ватанпарвару ватандӯст барои муҳофизати марзу буми кишвару Ватани худ ҳамеша омода бошад:

Нигаҳ кун бад-ин лашкари номдор,
Ҷавонони шоистаи корзор.
Зи баҳри бару буму фарзанди хеш
Зану кӯдаки хурду пайванди хеш.
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.

Аз эҷоди «Шоҳнома» муддати зиёде гузашта бошад ҳам, то имрӯз ин асари бузург аҳамияти тарбиявию ахлоқии худро гум накардааст.

Абдураҳмон АВЕЗОВ,
омӯзгори МТМУ №27-и шаҳри Исфара

Озмуни «Ихтироъкорон ва навоварони ҷавони вилояти Суғд» баргузор мегардад.

Ҳар касе мехоҳад, ки одилу баинсоф бошад, аммо на ҳар кас ба он даст меёбад.
Ҷон Голсуорси

«Омӯзгор» №4, 25 январи соли 2024

ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ

Ҷалби бештари сармоя – неруи пешбари иқтисодиёт

Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қутбнамои аҳли ҷомеа буда, уфуқҳои навро ҷиҳати рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии мамлакат таъмин менамояд. Нақши Паём дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат назаррас мебошад. Дар Паёми навбатӣ (28.12.2024) ба Маҷлиси Олии мамлакат низ тамоми самтҳои сиёсати дохиливу хориҷии кишвар мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шуд.

Мусаллам аст, ки ҷумҳурии мо сол то сол бо рушди ҳама соҳаҳо ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, сатҳи зиндагӣ ва дараҷаи некуаҳволии мардум беҳтар мегардад. Аз ин рӯ, ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани зиндагии мардум тадбирҳои судманд андешида мешавад. Ба таъкиди Пешвои миллат, «тайи солҳои охир таваҷҷуҳи аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, саноатикунонии кишвар ва таъсиси ҷойҳои корӣ равона карда шуд. Мо ҳамчунин, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, таҳкияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон намудем».

Маълум аст, ки раванди бунёдкориҳо дар кишвар вусъати тоза пайдо кардааст ва сохтмони корхонаҳои замонавӣ бомаром идома дорад. Таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва рушд бахшидани саноати кишвар аз муҳимтарин вазифаҳоеанд, ки дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд. Ба ҳамагон маълум аст, ки Пешвои миллат зимни сафар ба шаҳру навоҳии кишвар чандин корхонаи замонавиро мавриди истифода қарор медиҳанд, ки ин омил имкон фароҳам меорад, ки аз як тараф, мардум бо ҷойҳои нави корӣ таъмин гарданд, аз ҷониби дигар, ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад. Дар Паём омадааст: «Танҳо дар соли 2023 соҳибкорони мамлакат 715 корхонаи нави истеҳсолӣ бо 5 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода супориданд».

Ба ҳамагон маълум аст, ки Пешвои миллат зимни сафар ба шаҳру навоҳии кишвар чандин корхонаи замонавиро мавриди истифода қарор медиҳанд, ки ин омил имкон фароҳам меорад, ки аз як тараф, мардум бо ҷойҳои нави корӣ таъмин гарданд, аз ҷониби дигар, ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад.

Дар баробари ин, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки тамоми самтҳои рушди фаъолияти соҳаҳо муайян гардидааст, ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ хидмат мекунад.

Шоистаи таъкид аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон талош меварзад, ки бо таъмин намудани шароит ва бунёди корхонаҳои замонавӣ маҳсулоти рақобатпазирро истеҳсол намояд ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, ҷолиб гардонидани иқтисодиёти кишвар ва ба содирот нигаронидани он пайваста тадбирҳои судманд меандешад.

Тавре ки маълум аст, ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишвар бештар гардидааст ва ин омил имкон фароҳам меорад, ки кишвари азизи мо тадричан ба марҳалаи нави иқтисодӣ ворид гардад. Дар ин маврид дар Паёми Пешвои миллат ба таври мушаххас зикр гардидааст: «Тибқи маълумоти оморӣ дар ҳафт соли охир ба кишвар ба маблағи беш аз 95 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки зиёда аз 30 миллиард сомонии он сармояи мустақим мебошад.

Дар ин давра дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиву иҷтимоӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва сармояи хориҷӣ беш аз 1400 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 36 миллиард сомонӣ амалӣ карда шудааст. Ҳоло дар мамлакат боз 724 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 152 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст. Тибқи «Стратегияи миллии рушди кишвар барои давраи то соли 2030» ҳаҷми сармояи мустақим то соли 2026 нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ то 10 фоиз расонида шуда, солҳои 2022 – 2026, яъне дар панҷ сол бояд ба иқтисоди миллӣ беш аз 60 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда шавад».

Ҳамчунин, дар Паёми Пешвои миллат зарурати ислоҳоти низоми ҷалби сармоя, таҳияву пешниҳод ва татбиқи самараноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт, бахусус, дар бахшҳои саноативу агросаноатӣ муҳим арзёбӣ шудааст.

Маълум аст, ки имрӯз иқтисоди кишвар ба таври чашмгир рушд карда, сол то сол маҷмуи маҳсулоти дохилӣ афзун мегардад. Ба таъкиди Пешвои миллат, «маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба соли гузашта 8,3 фоиз зиёд гардид ва ба беш аз 130 миллиард сомонӣ расонида шуд».

Воқеан ҳам, Паёми Пешвои миллат ҳамчун нақша ва дурнамои рушди иқтисоди мамлакат маҳсуб ёфта, татбиқи нуктаҳои он ба рушди назарраси иқтисодиёти миллӣ мусоидати амиқ менамояд.

Суҳроб ШАРИФЗОДА,
Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

Дар Паёми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба Маҷлиси Олӣ 28.12.2023 ироа шуд, стратегияи рушд ва дурнамои самтҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат муайян гардида, роҳҳои амалисозии ин нақшаҳо ҳамчун самти сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат мавриди таҳлил қарор гирифт.

Иқдоми шоиста

Дар Паём эълон шудани соли 2024 Соли маърифати ҳуқуқӣ иқдоми муҳим аст.

Мақсад аз ин тадбири хирадмандона баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

Маърифати ҳуқуқӣ, аввалан, маънои онро дорад, ки шаҳрванд бояд аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ дар ҷомеа бархӯрдор бошад ва ҳамвора ҳуқуқи дигар шаҳрвандонро низ эҳтиром намояд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ исбот намудааст, ки ташаккул ва рушди давлати ҳуқуқбунёд бе робитаи устувори шаҳрвандони он дар самти риояи ҳуқуқ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ вуҷуд дошта наметавонад. Зеро дар ин раванд иштироки шаҳрвандон низ хеле муҳим аст, ки то чӣ андоза ҳуқуқу уҳдадориҳои худро медонанд ва вазифаҳои худро чӣ тавр ичро мекунанд.

Мутаассифона, мо имрӯзҳо шоҳиди иттилооту ҳодисаҳое низ мегардем, ки шаҳрвандони ҷумҳурӣ, бахусус, ҷавонон, ки ояндасози давлату миллатанд, баъзан дидаю дониста даст ба ҳуқуқвайронкуниҳо зада, қонуният ва тартиботи ҳуқуқию ҷамъиятиро даҳалона вайрон менамоянд. Ин маърифати пасти ҳуқуқии онҳоро ифода мекунад.

Донистан, эҳтиром ва риояи Конститутсия ва қонунгузории кишвар, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, таҳкими ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи шаҳрвандон бо мақомоти давлатӣ, иштироки шаҳрвандон дар раванди фаъолияти қонунгузорӣ ва дигар равандҳои кишвар вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ ба шумор меравад.

Зеро риояву иҷрои қонун, яъне волоияти қонун, шарти муҳимтарини эъмори ҷомеаи навин ба шумор меравад.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар муассисаҳои таълимӣ тавсеа бахшидани омӯзиши фанни «Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар синфҳои 8-9 ва «Ҳуқуқи инсон» дар синфҳои 10-11 мебошад.

Азим ИСМОИЛОВ,
омӯзгори МТМУ №6-и ноҳияи Рӯшон

Арзишҳои миллиро пос бояд дошт

Фарҳанги ҳар миллат бо ҳастии он пайванди ҳамешагӣ дорад. Чеҳраи воқеии миллат дар фарҳангаш таҷассум меёбад.

Фарҳанги миллат аз забони миллӣ, дин, таърих, хат, адабиёт, ҳунар, урфу одат ва дигар омилҳо иборат аст. Вақте ки ин муқаддасот коҳиш меёбанд, миллат ба бемории шадид гирифтор шуда, оқибат ба ҳалокат мерасад.

Мо набояд фаромӯш кунем, миллати тамаддунпарвари мо аз қадимулайём соҳиби фарҳангу маданияти воло ва ҳунарҳо буд ва моро месазад, ки ин сарвату анъанаҳоро идомаву густариш бахшида, ба наслҳои оянда расонем.

Дар кишвари мо бо ҳадафи омӯзиши тарғиби бештари фарҳангу адабиёт озмунҳои гуногун, аз қабили «Фурӯғи субҳи доно» китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» роҳандозӣ шудаанд. Инчунин, барои эҳёи ҳунарҳои мардумӣ Солҳои рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои миллӣ эълон карда шуд, ки ин ба афзудани таваҷҷуҳ ба ҳунарҳо ва таърихи онҳо гардид. Бо ин тадбирҷӯйиҳо Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафи онро доранд, ки аҳли кишвар худогоҳу ватандӯст ва хирадпарвар бошанду ҳувияти миллии худро ҳифз намоянд.

Воқеан, яке аз роҳҳои ба худшиносию асолати миллӣ расидани мо, тоҷикон, омӯхтану донистани осори ниёгон ва ҳифзи забони модарӣ мебошад. Ҳар як тоҷики шарафманд бояд аз осори пурғановати ниёгон огаҳӣ дошта бошад, дар таҳкияти робитаҳо бо халқҳои ҳамсояву ҳамфарҳангамон ҳиссагузорӣ намояд ва баҳри пешрафту шукуфоии Ватани азиз ҷидду ҷаҳд намояд.

Дар ин самт бояд таъкиди зерини Пешвои миллат раҳнамои ҳар фарди бофазилат бошад: «Худшиносӣ ва фарҳанги миллӣ, ифтихори миллӣ ҳаргиз маънои онро надорад, ки мо худро ба дигар халқҳо муқобил гузорем, зеро ҳар халқ дар таърих мақому манзалати хос дорад, мувофиқи шароити ҷуғрофию таърихии хеш дар тамаддуни башарӣ саҳм гирифтааст».

С. МАҲМУДОВ,
омӯзгори забон ва адабиёти МТМУ №38-и ноҳияи Айнӣ

Ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳияи Ёвон 136 иншооти гуногун ба истифода дода шуд.

Мзо; мзо кардан; мзо гузоштан; ба мзо расидан	пояснить; пояснять; поднести подарок	*signature [ˈsɪgnətʃə]; to sign [tu sain]; to be signed [tu biː sain]*
Исҳоҳ кардан	корректировать; исправлять	*to correct [tu kəˈrekt]*
Истиқлол, истиқлолият	независимый, независимость	*Independent [ɪndɪˈpend(ə)nt], Independence [ɪndɪˈpend(ə)ns]*

К

Қабулхох	приёмная	*reception [rɪˈsepʃ(ə)n]*
Қайчӣ	ножницы	*scissors [ˈsɪzəz]*
Қалам	карандаш	*pencil [ˈpens(ə)l]*

Қаламрав	территория	*territory [ˈterɪt(ə)rɪ]*
Қалъа	крепость	*citadel [ˈsɪtəd(ə)l]*
Қанд	конфета	*sweets [swiːts], candy [ˈkændɪ]*
Қарор	решение	*decision [dɪˈsɪʒ(ə)n], resolution [rezəˈluːʃ(ə)n]*
Қатра	капля	*drop [drɒp]*
Қафас	клетка	*cage [keɪdʒ]*
Қиматбаҳо	драгоценный	*valuable [ˈvæljuəbl]*
Қолин	ковер	*carpet [ˈkɑːpɪt]*
Қонун	закон	*law [lɔː]*
Қошук	ложка	*spoon [spuːn]*
Қувват, қуввататхш	сила, мощь	*power [ˈpaʊə]*
Қутӣ	коробка	*box [bɒks]*

Л

Лагер	лагерь	*camp [kæmp]*
Лағзидан	трясти, дрожать	*to shake [ʃeɪk], to shiver [ʃɪvə] анекдот*
Латифа	анекдот	*joke [dʒəʊk]*
Лаҳза	момент	*instant [ˈɪnst(ə)nt], moment [ˈməʊm(ə)nt]*
Лаҳҷа	диалект	*dialect [ˈdaɪəlekt]*
Либос	одежда	*clothes [kləʊð(ə)z]*
Либосдӯзӣ	шитьё одежды	*sewing clothes [ˈsəʊɪŋ kləʊð(ə)z]*
Либоси расмӣ	официальная одежда	*official clothing [əˈfɪʃ(ə)l ˈkləʊðɪŋ]*
Либосбеҳак	вешалка	*coat-hanger [ˈkəʊt ˈhæŋə]*
Лижа	лыжи	*ski [skiː]*
Лижаронӣ	катание на лыжах	*skiing [ˈskiːɪŋ]*
Лимӯ	лимон	*lemon [ˈlemən]*
Лола	тюльпан	*tulip [ˈtuːlɪp]*
Луғат	словарь	*dictionary [ˈdɪkʃ(ə)nə(r)ɪ]*
Лӯбиё	фасоль	*bean [biːn]*

М

Маводҳ	материал	*material [məˈtɪrɪəl], stuff [stʌf]*
Майдон	площадь	*square [skweə]*
Мактаб	школа	*school [skuːl]*
Мактуб	письмо	*letter [ˈletə]*
Манзара	пейзаж	*landscape [ˈlæn(d)skeɪp]*
Маориф	образование	*education [edʒʊˈkeɪʃ(ə)n]*

К

Кабир	великий	*great [greɪt]*
Кабӯд	синий	*blue [bluː]*
Кабӯтар	голубь	*pigeon [ˈpɪdʒɪn], dove [dʌv]*
Калид	ключ	*key [kiː]*
Калон	большой	*big [bɪg], huge [hjuːdʒ], large [lɑːdʒ]; old [əʊld]; great [greɪt]*
Канор, кунҷ	край, угол	*edge [edʒ], border [ˈbɔːdə(r)],corner [ˈkɔːnə(r)]*
Касал	больной	*sick [sɪk], ill [ɪl]*
Касалхона	больница	*hospital [ˈhɒspɪt(ə)l]*
Каҷ	профессия	*Profession [prəˈfeʃ(ə)n], job [ʃɒb]*
Киса	карман	*pocket [ˈpɒkɪt]*
Китоб	книга	*book [bʊk]*
Китобхона	библиотека	*library [ˈlaɪbrərɪ]*
Кишвар	страна	*country [ˈkʌntrɪ]*
Корхона	контора, офис, учреждение	*office [ˈɒfɪs],institution [ˌɪnstɪˈtjuːʃn]*
Кӯдак	ребёнок	*child [ʧaɪld], kid [kɪd] infant [ˈɪnf(ə)nt]*
Кӯл	озеро	*lake [leɪk]*
Кумак	помощь помогать	*help [help], assistance [əˈsɪst(ə)ns]*
Кӯдакистон, муассисаи томактабӣ	детский сад	*kindergarten [ˈkɪndəˌgɑːd (ə)n]*

Ш

Шавқовар	интересный	*interesting [ˈɪntrɪstɪŋ]*
Шанбе	суббота	*Saturday [ˈsætədɪ AmE: ˈsætərˌdeɪ]*
Шарқ	восток	*East [iːst]*
Шарм	стыд	*shame [ʃeɪm]*
Шармгин	стыдливый	*ashamed [əˈʃeɪmd]*
Шартнома	договор	*agreement [əˈgriːmənt]*
Шаҳр	город	*city [ˈsɪtɪ] , town [taʊn]*
Шаҳрванд	гражданин	*citizen [ˈsɪtɪz(ə)n]*
Шер	лев	*lion [ˈlaɪən]*
Шеър	стихотворение	*poem [ˈpəʊɪm]*
Шимол	север	*North [nɔːθ]*
Ширин	сладкий	*sweet [swiːt]*
Шиша	стекло	*glass [glɑːs]*
Шоир	поэт	*poet [ˈpəʊɪt]*
Шоҳмот	шахматы	*chess [ʧes]*

Э

Эҳтиёт	осторожность	*caution [ˈkɔːʃ(ə)n]*
Эҳтиёҷ	нужда	*need [niːd]*
Эҳтимол	вероятно	*perhaps [pəˈhæps]*
Эҳтиром	уважение	*respect [rɪˈspekt]*
Эҷод	творение	*create [krɪˈeɪt]*
Эъломия	декларация	*declaration [ˈdekləˈreɪʃ(ə)n]*
Эълон	объявление	*announcement [əˈnaʊnsmənt]*

Я

Якдилӣ	согласие	*united [juːˈnaɪtɪd]*
Якзайл	однообразно	*uniformly [jʊnɪfɔːmlɪ]*
Якчанд	несколько	*several [ˈsev(ə)rəl]*
Якҷоя	вместе	*together [təˈgeðə]*
Якшанбе	воскресенье	*sunday [ˈsʌndɪ]*
Яроқ	оружие	*arms [ɑːmz], weapon [ˈwepən]*
Ятим	сирота	*orphan [ˈɔːf(ə)n]*
Ях	лёд	*ice [aɪs]*
Яхбандӣ	леденение	*freeze [friːz]*
Яхдон	холодильник	*refrigerator[rɪˈfrɪdʒəreɪtə], fridge [frɪdʒ]*
Яхмос	мороженое	*icecream [ˈaɪsˈkriːm]*

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ЛУҒАТИ

ВОЖАҲОИ СЕРИСТЕЪМОЛИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

(Барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм)

Душанбе
2022

Маош	заработная плата	*salary [ˈsɛlərɪ], wages [ˈweɪʤɪz]*
Мардум	люди	*people [ˈpiːp(ə)l]*
Маҷлис	собрание, совещание	*meeting [ˈmiːtɪŋ]*
Меҳмон	гость	*guest [gɛst]*
Меҳмонхона	гостиная, гостиница	*living room [ˈlɪvɪŋ ruːm], hotel [həʊˈtɛl]*
Меҳнат	труд, работа	*labour [ˈleɪbə],work [wɜːk]*
Миллат	нация, национа-льность	*nation [ˈneɪ(ə)n], nationality [nɛʃəˈnɛlɪtɪ]*
Минтақа	местность, регион	*area [ˈɛərɪə], region [ˈriːʤ(ə)n]*
Молдаҳлон	бабушка	*grandmother [ˈgrɛn(d)mʌðə]*
Мулоқот, ворӣ	встреча	*meeting [ˈmiːtɪŋ]*
Муошират	общение, коммуникация	*communication[kəˌmjuːnɪˈkeɪʃn]*

Н

Набера	внук, внучка	*grandchild [ˈgrɛn(d)ʧaɪld]*
Нав	новый	*new [njuː]*
Навбатдор	дежурный	*duty [ˈdjuːtɪ]*
Намак	соль	*salt [sɔːlt]*
Нарх	цена	*price [praɪs], cost [kɔst]*
Насаб	фамилия	*surname [ˈsɜːneɪm]*
Нафар	человек, персона	*person [ˈpɜːsn]*
Нашр	публикация	*publication [ˌpʌblɪˈkeɪʃ(ə)n]*
Нигох доштан	хранить, удерживать	*to keep [kiːp], to hold [həʊld]*
Нишастан	сидеть	*to sit [sɪt]*
Нишонӣ	адрес	*address [əˈdres]*
Нодурӯст	неправильный	*false [fɔːls], incorrect [ɪnkəˈrɛkt]*
Нӯшидан	пить	*to drink [drɪŋk]*
Нотарс	храбрый	*brave [breɪv]*
Намояндa	представитель	*representative [rɛprɪˈzɛntətɪv]*

О

Об	вода	*water [ˈwɔːtə]*
Обу ҳаво	погода	*weather [ˈwɛðə]*
Овоз	голос	*sound [saʊnd], noise [nɔɪz]*
Оғоз	начало	*beginning [bɪˈgɪnɪŋ], start [stɑːt]*
Одам	человек	*man [mɛn], person [ˈpɜːsn]*
Одат	привычка	*custom [ˈkʌstəm]*
Одоб	воспитанность	*courtesy [ˈkɜːtəsɪ]*

		[ˈʃemɪnɪ]
Занг	звонок	*bell [bɛl]*
Занг заданд	звонить, сделать телефонный звонок	*to make a phone call [tu meɪk ə fəʊn kɔːl], to call [tu kɔːl] , to phone [tu fəʊn]*
Зарар	вред, ущерб; потеря	*harm [hɑːm], damage [ˈdæmɪʤ], injury [ˈɪn(d)ʒ(ə)rɪ]; loss [lɔs]*
Зарядҳои сафар, равонӣ	разрешение на въезд, виза	*visa [ˈviːzə]*
Иҷозат додан	разрешать	*to allow [tu əˈlaʊ], to permit [tu pəˈmɪt]:*
Иҷозат гирифтан	разрешение, спросить разрешение	*permission [pərˈmɪʃn], to ask permission [tuɑːsk pərˈmɪʃn]:*
Итимос	пожалуйста	*please [pliːz]*

И

Истироҳат	отдых	*rest [rest], relaxation [ˌriːlɛkˈseɪʃn]*
Истироҳат кардан	отдыхать	*to rest [tu rest], to relax [tu rɪˈlɛks]:*
Истироҳатгоҳ	место для отдыха или развлечений	*place to rest or relax [pleɪs tu rest ɔːr rɪˈlɛks]*
Итоат	послушание, подчинение	*obedience [əˈbiːdɪəns], submission [səbˈmɪʃ(ə)n]*
Иттилоотӣ	информаци-онный	*Informational [ɪnfərˈmeɪʃənl]*
Ихтисос	специальность	*speciality [ˌspeʃɪˈælɪtɪ]*
Иҷро кардан	исполнять, выполнять	*to execute [tu ˈɛksɪkjuːt], to fulfil [tu fʊlˈfɪl], to carry out [tu ˈkærɪəʊt]*
Иҷозатномаи сафар, равонӣ	разрешение на въезд, виза	*visa [ˈviːzə]*
Иҷозат додан	разрешать	*to allow [tu əˈlaʊ], to permit [tu pəˈmɪt]:*
Иҷозат гирифтан	разрешение, спросить разрешение	*permission [pərˈmɪʃn], to ask permission [tuɑːsk pərˈmɪʃn]: (neeessaɪ̈ˈnesəs(ə)rɪ], (nɪˈsɛsɪtɪ])*
Итимос	пожалуйста	*please [pliːz]*

Бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.09.2022, №1337 омӯзиш ва азёд кардани 400 вожаи серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм ҳатмӣ дониста шудааст.

РАҲНАМОЕ БАРОИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар замони муосир омӯзиши забонҳои хориҷӣ яке аз муҳимтарин омилҳо барои фаро гирифтани дониш, хабару иттилоот ва навигариҳои илмию фаннӣ ба шумор рафта, барои боз ҳам бештар баркарор кардани иртиботҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ бо кишварҳои дигар мусоидат менамояд. Ба ин хотир, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзиш ва донистани забонҳои хориҷиро барои насли ояндасози кишвар зарур шуморида, ҷиҳати азхуд кардани онҳо пайваста дастуру ҳидоятҳои раҳнамунсоз медиҳанд.

Қабул гардидани “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” (карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 августи соли 2019, №438) Вазорати маориф ва илм ва дигар вазорату идораҳоро водор месозад, ки барои такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русию англисӣ тамоми шароитҳоро фароҳам созанд.

Дар ин росто, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти омӯзиш ва донистану такмили забонҳои русию англисӣ дастури раҳнамои “Луғати вожаҳои серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ”-ро омода карда, донистани онро барои тамоми омӯзгорону хонандагон ва донишҷӯён ҳатмӣ эълон мекунад.

Луғати мазкур 400 вожаи серистеъмолеро дар бар гирифтааст, ки онҳо дар зиндагии рӯзмарра бо забони модарӣ пайваста мавриди истифода қарор мегиранд ва маънои онҳо маълуму фаҳмо аст. Ҳамзамон, донистани ин калимаҳо маҳорату малакаи забономӯзиро ташаккул дода, зимни азёд кардани вожаҳо шавқу рағбат барои донистани забонҳои русию англисӣ боз ҳам афзунтар мегардад. Яъне луғати мазкур чун як раҳнамо хидмат хоҳад кард.

Шакли электронии ин луғат дар сомонаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сомонаҳои муассисаҳои зерсохтори он ҷо карда шудааст.

Дар баробари ин, аз ҳамаи роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон такозо карда мешавад, ки дар амалигардонии ин иқдоми вазорат масъулияти баланд нишон дода, зимни азёд кардани луғатҳо хонандагону донишҷӯёнро раҳнамоӣ ва назорат намоянд.

Дар иҷрои ин амали нек ва иқдоми боманфиат дар самти омӯзиши забонҳои русию англисӣ ба шумо барору комёбӣ орзу менамоем.

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳақ	истина, правда	*right [raɪt], privilege [ˈprɪvɪlɪʤ]*
Ҳаққи хизмат	заработная плата, оклад	*wages [weɪʤ]*
Ҳақиқат	правда	*truth[truːθ], reality [rɪˈælɪtɪ] true [tru]*
Ҳама	весь, вся, всё	*all[ɔːl], everyone[ˈevrɪwʌn], everything [ˈevrɪθɪŋ]*
Ҳамкор	коллега, сотрудник	*colleague [ˈkɔliːg], coworker [ˈkəuˈwɜːkə]*
Ҳамкорӣ	сотрудничество	*cooperation [kəʊˌɒpəˈreɪʃn]*
Ҳамоҳангсоз	координатор	*co-ordinator [kəuˈɔːdɪneɪtə]*
Ҳамроҳ	вместе, спутник	*together[tə'geðə], travelling companion [ˈtrævə(ə)lɪŋkəmˈpænɪən]*

Ч

Чӯб	палка, древесина	*wood[wʊd]*
Чӯпон	пастух	*shepherd [ˈʃepəd]*
Чутка	щётка	*brush [brʌʃ]*
Чӯҷа	цыплёнок	*chick [ʧɪk]*

Ҷ

Ҷавоб	ответ	*answer [ˈɑːnsə]*
Ҷавон	молодой	*young [jʌŋ]*
Ҷавонӣ	молодость	*youth [juθ]*
Ҷадвал	линейка	*ruler [ˈruːlər]*
Ҷамъ	совокупность, сумма, итог	*total [ˈtəʊtl]*
Ҷамъият	общество	*society [səˈsaɪətɪ]*
Ҷанг	война	*war [wɔː]*
Ҷануб	юг	*South [sauθ]*
Ҷонишин	заместитель директора	*deputy director [ˈdepjutɪ d(a)ɪˈrektə]*
Ҷонибдор	сторонник	*supporter [səˈpɔːtə]*
Ҷорӣ	текущий	*folowing [ˈfɔləʊɪŋ]*
Ҷорӯб	веник	*broom [bru(:)m]*
Ҷумҳурӣ	республика	*republic [rɪˈpʌblɪk]*
Ҷуворӣ	кукуруза	*corn [kɔːn]*
Ҷумъа	пятница	*Friday [ˈfraɪdɪ]*

Ёмалан		*[ˈreɪnd]*
Ҷуктар	ҷевочка	*girl[gɜ:l]*
Ҷуҳт, рафиқ	друт, товарищ	*friend[frend]*

Ё

Ёд гирифтан	научиться	*to learn [tu lɜ:n]*
Ёдгории меъморӣ	памятник архитектуры	*a monument of architecture [ˈmɒnjʊm(ə)nt əv ˈɑ:kɪˈtekʃə]*
Ёд доштан, ба ёд омадан	вспомнить	*to remember [tuərˈmembə]*
Ёҳдҷ	одиннадцать	*eleven [ɪˈlev(ə)n]*
Ёрдам	помощь	*help, [help] assistance [əˈsɪst(ə)ns]*
Ёрдиҳандаа	вспомогательный	*auxiliary [ɔ:gˈzɪlɪərɪ]*
Ёрдам кардан	помогать	*to help [tu help]*
Ёрдамчӣ	помощник	*assistant[əˈsɪst(ə)nt]*
Ёрии таъҷилӣ	скорая помощь	*ambulance [ˈæmbjʊl (ə)ns],emergency assistance [ɪˈmɜ:dʒ (ə)nsɪ] [əˈsɪst(ə)ns]*
Ёсуман	жасмин	*jasmine [ˈdʒezmɪn]*
Ёфтан	найти	*to find [tu fɑɪnd]*

Ж

Жола	грай	*hail [heɪl]*
Жола бориданӣ	выпадение града	*hail fallout [heɪl ˈfɔ:lɑʊt] it is halloɡ*
Журнал	журнал	*magazine [mɑɡəˈzɪn] journal[ˈdʒɜ:n(ə)l]*

З

Забон	язык	*language, [ˈlæŋɡwɪdʒ] tonɡue [tʌŋ]*
Забони давлатӣ	государственный язык	*state language [steɪt ˈlæŋɡwɪdʒ], official language [əˈfɪʃ(ə)l ˈlæŋɡwɪdʒ]*
Задан (зан)	бить, ударить	*to hit [tu hɪt], to strike [tu strɑɪk]*
Замин	земля, вселенная	*soil [sɔɪl], earth [ɜ:θ], ɡroundɡ [ɡraʊnd], land [lænd]*
Замон	время, период, эпоха	*time [tɑɪm], period, [ˈpɪ(ə)rɪəd], epoch [ˈi:pɒk], era [ˈɪrə]*
Замонавӣ	современный	*modern[mɔdn]*
Зан	жена, женщина	*wife [wɑɪf], womɑn [ˈwʊmən]*
Занона	по-женски, женский	*female [ˈfi:meɪl], feminine*

Озмун	конкурс	*competition [ˌkɑ:mpəˈtɪʃn]*
Озодӣ	свобода	*freedom [ˈfri:dəm]*
Оила	семья	*family [ˈfæmɪlɪ]*
Ойна	зеркало	*mirror [ˈmɪrə]*
Олам	мир	*world [wɜ:ld]*
Омадан	приходить	*to come [to kʌm]*
Ошхона	кухня	*Kitchen [ˈkɪtʃɪn], nationɑl cafe [ˈnæʃ(ə)n(ə)l ˈkæfeɪ]*
Ошо	друг, приятель	*friend [frend]*

П

Пагох	завтра	*tomorrow[təˈmɒrəʊ]*
Пагохӣ	утро	*morning [ˈmɔ:nɪŋ]*
Падар	отец, папа	*father [ˈfɑ:ðə]*
Пазируфтан (пазир)	принимать, одобрить	*entertɑɪn [ˌentəˈteɪn], to receive [tu: rɪˈsi:v]*
Панҷа	пальцы	*fɪnɡers [ˈfɪŋɡəz]*
Пахта	хлопок	*(n) cotton [ˈkɔtn]*
Пешвоз гирифтан	встречать	*to meet [tu: mi:t]*
Пешниҳоҳ кардан	предложение, выдвижение	*suɡɡestion [səˈdʒestʃ(ə)n], proposd [prəˈpəʊz(ə)l]*
Пешонӣ	лоб	*forehead [ˈfɔrɪd]*
Пиёда	пешком	*on foot [ɔn fʊt], walk [wɔk]*
Пиёз	лук	*onion [ˈʌnjən]*
Писар	сын, мальчик	*son [sʌn], boy [bɔɪ]*
Пойафзол	обувь	*shoes [ʃu:z]*
Пурсамар	эффективный, плодотворный	*effective [ɪˈfektɪv],fruitful [ˈfru:tf(ə)l]*
Пӯшидан (пӯш)	закрыть	*to close [tu kləʊs]*

Р

Равия	направление, тренд	*direction [dəˈrekʃn], trend [trend]*
Рақам	номер	*number [ˈnʌmbə]*
Рақс	танец	*dance [dɑ:ns]*
Ранг	цвет, краски	*colour [ˈkʌlə]*
Расм	картина	*pɪctɪɪre [ˈpɪkʃə]*
Рафтан (рав)	идти, идти	*to ɡo [tu: ɡəʊ]*
Рафтор	поведение	*behɑvɪour [bɪˈheɪvɪə]*
Рафтомад	посещение, поездка	*vɪsɪt [ˈvɪzɪt]*
Рахнамо	руководство	*ɡuɪde [ɡaɪd]*
Рохбар	лидер, начальник	*leɑder [ˈli:də]*
Рухсатӣ	отпуск	*holɪdɑy [ˈhɔlɪdɪ], Vɑcɑtɪon*

А

Точикӣ	РУСӢ	АНГЛИСӢ (овонавишт)
Адабиёт	литература	*literature [ˈlɪt(ə)rətʃə]*
Адад	число	*number [ˈnʌmbə]*
Адолат	справедливость	*justice [ˈdʒʌstɪs]*
Азиз	уважаемый	*dear [dɪə], precious [ˈpreʃəs], esteemed [ɪˈstiːmd]*
Ақл	ум, разум	*intelligence [ɪnˈtelɪdʒ(ə)ns], intellect mind [ˈɪntɪlekt mɑɪnd]*
Алов (оташ)	огонь	*fire [ˈfɑɪə]*
Алаф	трава	*grass [ɡrɑ:s], herb UK: [hɜ:b], US: [ɜ:b], fodder [ˈfɔdə]*
Аскар	солдат	*soldier [ˈsəʊldʒə]*
Атроф	вокруг	*around [əˈrɑʊnd]*
Афсона	сказка	*fairy-tale [ˈfe(ə)rɪteɪl], story [ˈstɔ:rɪ], tale [teɪl]*
Ахбор	новость	*news [nju:z]*
Ахлоқ	мораль	*morals [ˈmɔrəlz]*
Аҳолӣ	население	*population [ˈpɔpjuˈleɪʃ(ə)n]*
Аломат	знак	*sɪɡn [sɑɪn], mɑrk [mɑ:k], omen, [ˈəʊmən]*
Амният	безопасность	*security [sɪˈkju(ə)rɪtɪ]*
Анъана	традиция	*tradition [trəˈdɪʃn]*

Б

Бад	плохой	*bad [bæd]*
Бадан	тело	*bɔdɪ [ˈbɔdɪ]*
Баён	выражение мыслей	*expression of thoughts [ɪkˈspreʃ(ə)n ɔvθɔ:ts]*
Базм, тӯй	вечеринка, общественный прием, связанный со свадьбами и т.д.	*party [ˈpɑ:rtɪ], public reception associated with weddings [ˈpʌblɪk rɪˈsepʃ(ə)n əˈsəʊʃɪeɪtɪd wɪð ˈwedɪŋz]*
Байналмилалӣ	международный	*international [ˈɪntəˈnæʃ(ə)nəl]*
Байнишахрӣ	междугородний	*between cities [bɪˈtwi:n ˈsɪtɪz]*
Баромадан	подняться	*to rise [rɑɪz]*
Баромадгоҳ	выход	*exit [ˈegzɪt]*
Барф	снег	*snow [snəʊ]*
Бахт	счастье	*happiness [ˈhæpɪnəs]*
Бахшидан	простить	*to forɡive[tu: fəˈɡɪv], let off [ˈlet ˈɒf]*
Баҳор	весна	*spriɡ [sprɪŋ]*

Феъл	глагол	*verb [vɜ:b]*
Фикр	мысль, мнение	*think [ˈθɪŋk], opinion [əˈpɪnjən]*
Фурудгоҳ	аэропорт	*airport [ˈeərpɔ:t]*
Фурӯш	продажа	*sale [seɪl]*
Фурӯшгоҳ	магазин	*department store[dɪˈpɑ:tmənt stɔ:], shop [ʃɔp]*
Фурӯхтан	продавать	*to sell[tu sel]*

Х

Хабар	весть, новость	*information[ˈɪnfəˈmeɪʃ(ə)n], news [nju:z]*
Халқ	народ	*people[ˈpi:p(ə)l]*
Харидан	купить	*to buy [tu:bɑɪ]*
Харита	карта	*mɑp[mæp]*
Хатм	окончание	*ɡrɑduɑtɪon [ˈɡrædʒuˈeɪʃ(ə)n]*
Хатм кардан	окончить	*to ɡrɑduɑte [tu ˈɡrædʒʊeɪt]*
Хестан	вставать, подниматься	*to ɡet up [tu ɡet ʌp], to stɑnd up[tustænd ʌp]*
Хизмат	служба, услуга	*sɛrvɪɛ [ˈsɜ:vɪs]*
Хоб	сон	*dreɑm [drɪ:m] sleep[slɪ:p]*
Хомӯш	тихий	*sɪlent[ˈsɑɪlənt]*
Хона	дом	*house[hɑʊs], home [həʊm], apɑrtment [əˈpɑ:tmənt], room [ru(:)m]*
Хондан (хон)	читать, учиться, молиться	*to reɑd[tu: rɪ:d], to stuɑdɪ [tu: [ˈstʌdɪ]; to prɑɪ [tu:preɪ]*
Хотира	память	*mɛmɔrɪ [ˈmem(ə)rɪ]*
Хоҳар	сестра	*sɪsɪɛr [ˈsɪstə]*
Хунук	холод	*cɔld [kəʊld]*
Хуш омадед	добро пожаловать	*welcome [ˈwelkəm]*

Ҳ

Ҳавз	пруд, водоём, бассейн	*pɔnd [pɔnd],pool [pu:l], swɪmmɪng pool[ˈswɪmɪŋpu:l]*
Ҳавлӣ	двор	*hɔusɛ[hɑʊs], ɡɑrdɛn [ɡɑ:dn], yɑrd[jɑ:d]*
Ҳаво	погода, воздух	*weɑthɛr[ˈweðə], ɑɪr[eə]*
Ҳавопаймо	самолёт	*ɑɛrɔplɑnɛ [ˈe(ə)rəplem]*
Ҳайвон	животное	*ɑnɪmɑl [ˈænɪm(ə)l]*
Ҳайкал	памятник, статуя	*mɔnʊmɛnt [ˈmɑ:njʊmənt], stɑtɪɛ[ˈstætʃu:]*
Ҳайрат	недоумение, удивление, изумление	*Perplexɪtɪ [pəˈpleksɪtɪ]; ɑmɑzɛmɛnt [əˈmeɪzmənt], ɑstɔnɪʃmɛnt [əˈstɔnɪʃmənt], surprɪsɛ [səˈpraɪz]*

		[ˌedʒʊˈkeɪʃn]
Тарозу	весы	*scales [skeɪlz]*
Тарчума	перевод	*translation [træns'leɪʃn]*
Таҳсил	учёба	*studies ['stʌdɪs],learning [ˈlɜ:rnɪŋ]*
Таҳсил кардан	учиться	*to study [tu 'stʌdɪ]*
Тачриба	опыт	*experience [ɪk'spɪ(ə)rɪəns]*
Таътил	каникулы	*holiday ['hɔlɪdɪ], vacation [və'keɪʃ(ə)n](for students)*
Тоза	чистый	*clean [kli:n]*

У

Узр	извинение, прощение	*apology [ə'pɔlədʒɪ], excuse [ɪk'skju:s]*
Укёнус	океан	*ocean ['əuʃ(ə)n]*
Улум	науки	*sciences ['saɪəns]*
Умр	жизнь	*life [laɪf]*
Умр дидан	жить	*to live [tu lɪv]*
Умуман	вообще, в целом	*in general [m 'dʒen(ə)rəl], overall ['əuvə'rɔ:l]*
Умумӣ	общий	*general['dʒen(ə)rəl], public ['pʌblɪk]*
Урф	обычай, обряды	*customs ['kʌstəmz], habits ['hæbɪt]*
Усто	мастер	*master ['ma:stə], foreman ['fɔ:mən], skilled workman [skɪldwɜ:kmən]*
Устохона	мастерская	*workshop ['wɜ:kʃɔp]*
Устод	учитель, наставник	*teacher ['ti:tʃə],mentor [ˈmentɔ:r]*
Устувор	прочный, устойчивый	*steady['stedɪ], firm[fɜ:m]*
Устухон	кость	*bone [bəun]*
Уҳда	объязательство	*duty ['dju:tɪ], responsibility [rɪ'spɔnsə'bɪlɪtɪ], task [ta:sk], job [dʒɔb]*
Ӯ	он, она	*he [hi:], she [fi:]*

Ф

Фаҳмидан	понимать	*to understand[tu 'ʌndə'stænd]*
Фаҳмондан	объяснить	*to explain [tuɪk'splem]*
Фардо	завтра	*tomorrow [tə'mɔrəu]*
Фарёд	крик, возглас	*cry [kraɪ], shout[faut], yell [jel]*
Фарзанд	ребёнок	*child [tʃaɪld]*
Фаромадан	спускаться, сходить	*to go down [tugəu daun], to get off [tu getɔf]*
Фарҳанг	культура	*culture ['kʌltʃə]*
Фарш	пол, покрытие	*floor [flɔ:]*
Фасл	сезон, время года	*season['si:z(ə)n]*

Бача	ребёнок, мальчик	*child[tʃaɪld], son [sʌn], boy [bɔɪ]*
Бачагона	детский	*childish [ˈtʃaɪldɪʃ], children's ['tʃildrənz], for a child [fɔ:(r) ətʃaɪld]*
Башардӯстона	Гуманистический	*humanitarian [hju:'mœnɪ'te(ə) rɪən]*
Беморхона	больница	*hospital ['hɔspɪtl]*

В

Вай	он, она, оно, его, её	*he [hi:], she [fi:], it; [ɪt him [hɪm], her [hɜ:]*
Варақ	лист	*leaf [li:f]*
Варзиш	спорт	*sport [spɔ:t]*
Варзишгар	спортсмен	*sportsman ['spɔ:tsmæn]*
Васл	связь	*relations [rɪˈleɪʃənz]*
Ватан	родина	*homeland ['həumlənd], motherland ['mʌðəlænd]*
Ватанӣ	отечественный	*domestic [dəˈmestɪk], native [ˈneɪtɪv], Patriotic [pætri'ɔtik]*
Ваҳдат	единство	*unity ['ju:nɪtɪ] reconciliation ['rekənsɪlɪ'eɪʃ(ə)n*
Ваъда	обещание	*promise ['prɔmɪs]*
Вилоят	область, край	*region ['ri:dʒ(ə)n], province ['prɔvɪns]*
Вобаста	зависимый	*dependent [dɪˈpendənt], related [rɪ'leɪtɪd]*
Воқеа	событие	*event, [ɪ'vent] incident ['ɪnsɪd(ə)nt]*
Воқеъ будан	быть расположенным	*to be located[tə'bi: [ləu'keɪtid] , to be situated [tə'bi: 'sɪtueɪtid]*
Волидайн	родители	*parents ['pe(ə)rənts]*
Вохӯрдан	встретить	*to meet with smb[tu mi:t wɪð smb]*
Вохӯрӣ кардан	встречаться	*to greet [tu gri:t], to shake hands [tu feɪk hændz]*

Г

Газета	газета	*newspaper ['nju:s'peɪpə]*
Галстук	галстук	*tie [taɪ]*
Гап задан	разговаривать	*to speak [tu spi:k]*

		[yə 'keɪʃ(ə)n]
Рӯй, рӯ	лицо	*face [feɪs]*
Рӯз	день	*day [deɪ]*
Рӯзи корӣ	рабочий день	*working day ['wɜ:kɪŋdeɪ]*
Рӯзнома	дневник, газета	*school record book [sku:l 'rekɔ:dbok], newspaper ['nju:s'peɪpə]*

С

Савол	вопрос	*question ['kwesʃ(ə)n]*
Сайёхат кардан	путешествовать	*to travel [tu 'trev(ə)l]*
Сайёх	турист	*tourist ['tu(ə)rɪst]*
Санҷиш	тест	*quiz [kwɪz], test [test]*
Санъат	искусство	*art [a:t]*
Сар	голова	*head [hed]*
Сару либос	одежда	*clothes [kləu(ð)z]*
Сартарошхона	парикмахерская	*barber ['ba:bə]*
Сарҳад	граница	*border ['bɔ:də]*
Саҳифа	страница	*page [peɪdʒ]*
Синф	класс	*class[klɑ:s]*
Сохтмон	строительство	*construction [kən'strʌkʃ(ə)n]*
Сулх	мир	*peace [pi:s]*
Суруд	песня	*song [sɔŋ]*
Сурх	красный	*red [red]*
Сӯзан	игла	*needle [ni:dl]*

Т

Табассум	улыбка	*smile [smaɪl]*
Табиат	природа	*nature ['neɪtʃə]*
Табиб	врач	*doctor [ˈdɑ:ktər], physician [fɪ'zɪʃ(ə)n]*
Табрик	поздравление	*congratulations [kən'grætʃu'leɪʃ(ə)n]*
Таклиф кардан	пригласить	*to invite [tu ɪn 'vaɪt]*
Такрор	повтор	*repetition ['repɪ'tɪʃ(ə)n]*
Такрор кардан	повторить	*to repeat [tuɪ'pi:t]*
Тамошо	смотреть, зрелище	*watch [wɑ:tʃ],see [si:],spectacle ['spektək(ə)l]*
Тан	тело	*body [ˈbɔdɪ]*
Тару тоза	свежий	*fresh [freʃ]*
Тарафдор	сторонник	*supporter [sə'pɔ:tə]*
Тарбия	воспитание	*upbringing [ˈʌpbrɪŋɪŋ],education*

Тарафайн	шея	*neck[nek]*
Тарафбанд	ожерелье	*necklace [ˈneklɪs]*
Тарм (сӯзон)	теплий (жаркий)	*hot [hɔt],warm [wɔ:m]*
Тарс	пыль	*dust [dʌst]*
Тарс кардан	пугать	*to cry [tu kraɪ]*
Тирпатан (тир)	взять	*to take [tu teɪk]*
Тирҷу атроф	окрестности, пригород	*suburbs [ˈsʌbɜ:bz]*
Тиҷорат	торговля	*trade [treɪd]*
Тиҷорат кардан	торговать	*to trade [tu treɪd]*
Тӯл	цветок	*flower [ˈflaua]*
Тулӯн	ваза	*vase [va:z]*
Тӯтӣ	говорящий, произносящий	*narrator [nə'reɪtə], speaker ['spi:kə]*
Тӯсфанд	овца, баран	*sheep [ʃi:p]*
Тӯшт	мясо	*meat [mi:t]*

Д

Давлат	государство	*state [steɪt], country [ˈkʌntrɪ]*
Давра	круг, круговорот	*circle [ˈsɜ:rkl], rotation [reu'teɪʃ(ə)n]*
Давр задан	прогуливаться	*to go around [tu gəu ə'raund] a walk [wɔ:k]*
Дараҷа	степень	*degree [dɪ'gri:]*
Даркор	необходимый, нужный	*necessary [ˈnesəs(ə)rɪ],needed [ni:dɪd]*
Дароз	длинный	*long [lɔŋ]*
Дароз кашидан	полежать	*to lie down [tu laɪ daun]*
Дафтар	тетрадь	*note-book [nəut buk]*
Devor	стена	*wall [wɔ:l]*
Деха	деревня	*village [ˈvɪlɪdʒ]*
Диккат	внимание	*attention [ə'tenʃ(ə)n]*
Дил	сердце	*heart [ha:t]*
Дирӯз	вчерашний день	*yesterday [ˈjestədɪ]*
Даво	лекарство	*medicine, [ˈmedɪs(ə)n] remedy*

АФКОР

Эҳсоси нотавонӣ ва хурофотзадагӣ

Иддае аз ҳаводис ва мушкилоте дар зиндагии инсонҳо ногаҳонӣ рух медиҳанд, ки ба сарнавишт, шахсият, рафтор ва тарзи зиндагии онҳо таъсир мегузорад. Ҳамин аст, ки инсонҳо вобаста аз ҳолат, вазъият ва бархӯрд ба ҳодисаҳои гуногун ба назари худ ва ба назари дигарон, ҳолатҳоеро аз қабили бечораю оҷиз мондан дар баробари ҳодисаҳои зиндагӣ, аз даст додани касе ё чизе ҳолати гумкарда ё гумшударо ба худ мегиранд ва ҳамчунин, аз лиҳози равонӣ осебдида, парешон, бепаноҳ, маъюс ва руҳафтода худро тасаввур мекунанд.

Ин гуна ҳолатҳои равонӣ муҷиби он мегарданд, ки дар инсон эҳсос боло меравад ва мушкилотро на аз роҳи хирад, балки тавассути эҳсос, тахайюл ва тасаввур мехоҳад ҳал намояд. Ин гурӯҳҳо бештар чунин меандешанд, ки бояд барои ҳалли мушкил роҳи осони тазминшуда вуҷуд дошта бошад, ки он ба тарзи муъҷизаосо тавонад, мушкилеро саҳлу сода ва бидуни ранҷу заҳмат ҳал намояд.

Дар баъзе маврид фард ҳарчанд дарк менамояд, ки чунин амалкард аслан воқеиятро дигар карда наметавонад, вале танҳо ба хотири оромиш бахшидани худ ҳамин гуна амалҳоро анҷом медиҳад.

Фард барои хешро оромиш бахшидан бо амалҳое, ки берун аз ҳалли хираду ақл ҳастанд, бовар мекунад ва дар тасаввури хеш неруҳои фароиҷтимоӣ ва фароинсониро мепарварад, ки ба ӯ гӯиё дар ин маврид кумак мерасонанд.

Вазъияти руҳонии чунин нафарон барои гурӯҳҳои хурофотпараст вазъияти хеле хуберо пеш меоварад. Онҳо аз ин вазъ сӯйистифода намуда, шахсони ба чунин вазъиятҳои равонӣ гирифторшударо ба хотири манофеи хеш истифода менамоянд ва қиссаву ривоят ва афсонаҳоеро корбаст мекунанд, ки то ба вазъи равонии онҳо мутобиқ оянд ва аз ин ҳисоб бар суди хеш манфиати иқтисодӣ бардоранд. Ҳамин аст, ки бовармандию хурофот дар тӯли таърих манфиатхоҳону харидорони худро доранд.

Инсонҳо аксаран аз лиҳози равонӣ дар лобалои мушкил ва махсусан, ҳаводиси ногаҳонӣ ба мисли зилзилаву тӯфон, оташсӯзӣ, хушксолӣ ва маргу мир, ки аслан пешакӣ онро интизор надоранд, бо ба вуҷуд пайвастани ин ҳаводис бисёр сахт ранҷур, ошуфтахотир ва ниёзманд мешаванд.

Мутаассибону хурофотпарастон ба одамони шикасташуда сарукор доранд.

Нафароне, ки ҷиноят содир кардаанд, мансаби хешро аз даст додаанд, ё онҳое, ки пас аз муваффақият дар соҳибкорӣ ё дар ягон соҳоти дигар баъдан ба шикаст дучор омадаанд, ниёзманду руҳафтода ба шумор мераванд. Хурофафурӯшон ба онҳо итминони хотир медиҳанд, ки боке нест. Мо метавонем, тавассути амалҳои муайяне ин ҳамаро пок созем ё шуморо дубора бар ҷойгоҳи аввалааатон баргардонем.

Фард барои хешро оромиш бахшидан бо амалҳое, ки берун аз ҳалли хираду ақл ҳастанд, бовар мекунад ва дар тасаввури хеш неруҳои фароиҷтимоӣ ва фароинсониро мепарварад, ки ба ӯ гӯиё дар ин маврид кумак мерасонанд.

Дар ин маврид шикастшудагон, агар наметавонанд, сабабу омилҳои шикасти хешро аз назари ақлию хирадӣ муайян созанд, бегумон, туъмаи хуби гурӯҳҳои хурофафурӯш мегарданд. Аксаран онҳое, ки чиноят содир мекунанд, дар як вақт хеле сахт мутаассиб ва бовармандҳам ҳастанд.

Хурофафурӯшон ин гуна нафаронро бо қолаб задан шакл медиҳанд ва онҳоро мехоҳанд шаклсозӣ намоянд. Аммо нафарони шикасташуда як чизи содаро эҳсос карда наметавонанд, ки гурӯҳҳои хурофафурӯш дар баробари ин амал, озодиро аз онҳо мегиранд. Зеро агар онҳо хоҳанд, ин ё он амалеро берун аз чорчӯбҳои ин гурӯҳ анҷом бидиҳанд, ба онҳо барчаспи шикасти собиқашонро ҳамчун як нанг ном мебаранд.

Гурӯҳи дигар, ки харидори колои хурофафурӯшонанд, нафарони осебдидаанд. Воқеият ин аст, беҳтар гардонидани ҳолати нафаре, ки дар зиндагӣ ба ин ё он осеби ҷисмонӣ ё равонӣ гирифтор мешавад, кори саҳлу содае нест. Ҳамин аст, ки гурӯҳҳои хурофафурӯш ин кори бисёр душворро дар назари мардум дар ниҳояти содагӣ ҷилва медиҳанд, то коло ва хадамоти худро бифурӯшанд.

Ҳамчунин, баъзе аз осебҳоеанд, ки шояд аслан қобили тармим нестанд, аммо хурофотпарастон касеро аз даргоҳи худ намеронанд ва бо умеди дурӯғине онҳоро ҳамчун муштарии хуби худ нигоҳ медоранд.

Хурофотпарастон аз ин вазъ истифода намуда, тавассути амалҳои аҷибу ғарибе ба боварии ин нафарон ворид мешаванд ва онҳоро мавриди сӯйистифодаҳои молиявӣ қарор медиҳанд. Агар ба умқи ин амалкард назар афканӣ, онҳо ҳеҷ чизро иваз намекунанд, илло ин ки аз лиҳози равонӣ як оромиши хотире барои муштарии худ бахшанд. Мутаассифона, решаи ин ҳолат низ аз набуди тарзи таҳлили оқилонаю хирадмандонаи вазъ буда, эҳсоси тарсу хиёнат сабабгори гирифтор шудан ба дасти хурофафурӯшон хоҳад шуд.

Ҳаводиси гуногуни дар давоми зиндагӣ рухдиҳанда, инсонҳоро гоҳо ба яъсу ноумедӣ мувоҷеҳ месозад.

Аммо барои касоне, ки наметавонанд хешро аз вазъияти яъсу ноумедӣ берун ованд, гурӯҳҳои хурофапарокан дасту остин бармезананд, то онҳоро аз ин ҳолат бадар ованд ва бо додани умедҳое ба ояндаи номаълуме ин нафаронро мехоҳанд, аз яъсу ноумедӣ тавассути ба даст овардани пулу молу чиз ё бартар нишон додани шахсияти худу муъҷизаосо будан ин амалҳоро анҷом медиҳанд.

Ҳамин аст, ки руҳониёну хурофапарастон бештар ба мардуме кор мегиранд, ки онҳо дучори навмедӣ ва афсурдаҳолӣ шуда бошанд. Дар назари гурӯҳҳои

маъюс, ин нафарон чунин ба ҷилва дармеоянд, ки гӯё воқеан онҳо мушкилкушоянд ва чораи ҳар гуна мушкилро бо роҳи муъҷизаосо ҳал менамоянд. Ҳамчунин, ба олами ғайб пайвастанд ва як навъе аз пайвандгарони замину осмон ба назар мерасанд.

Гурӯҳи дигаре, ки мавриди ҳадафи дукондорони хурофа қарор мегиранд, нафаронеанд, ки то андозае дар зиндагӣ роҳгум задаанд. Дукондорони хурофа ва руҳониёну пайравони онҳо худро ба ҳайси роҳнамо нишон медиҳанд ва гӯиё онҳоянд, ки мардумони роҳгумзадаро бо «роҳи мустақим» ҳидоят мекарда бошанд.

Агар ба худи зуҳури мардумони роҳгумзада назар афканем, ин нафарон одатан аз набуди донишҳои ақлӣ, тафаккури таҳлилӣ ва дар фазои муҳити носолими хонаводагию иҷтимоӣ ва тарбият ба вуҷуд меоянд. Чун як барномаи мушаххасе барои зиндагии хеш надоранд, тамоили каҷравӣ менамоянд, ки ин ба назари гурӯҳҳои муайян ҳамчун гумроҳшуда арзёбӣ мешавад.

Аз тарафи дигар, хурофафурӯшону руҳониён чунин мепиндоранд, ки онҳо ҳамеша дар роҳи ҳақанд ва ҳар касе аз дидгоҳҳои онҳо агар заррае берун рафтааст, пас ноқис ва гумроҳ шудааст. Ҳамин аст, ки онҳо худро гӯё мувазза ва масъул меҳисобанд, то тавассути таблиғи ақоид ва назариёти хеш ин нафаронро ба истилоҳ аз гумроҳӣ раҳоӣ бахшанд. Аз як тараф, чунин муносибат боиси он мегардад, ки дар назари авом ҳар гуна донишманд ё соҳибназаре, ки бар ақоиди руҳониёну хурофабоварон мухолиф аст, ҳамчун гумроҳшуда ва берун аз «роҳи ҳақ» арзёбӣ мегарданд ва аз ҷониби дигар, ҷойгоҳи дукондорони хурофа бисёр барчаста ва то андозае муқаддасу ғайризаминӣ ба ҷилва дармеояд.

Албатта, дар ҳар ҷомеа ҳамин гуна гурӯҳҳо, ки гирифтор ба вазъиятҳои гуногун мешаванд, вуҷуд доранд ва ҳеҷ кас аз мушкилу дучор шудан ба вазъиятҳое, ки эҳсоси бечорагӣ, дармондагӣ ва яъсу ноумедӣ бошад, ҳифзшуда нест. Зеро дар гардишҳои рӯзгор ҳар гуна ҳолат ва вазъиятҳои руҳонӣ метавонад барои афроди як ҷомеа даст диҳад.

Вале ҳар қадар агар афроди ин ҷомеа аз лиҳози дониш, огоҳӣ ва хирад мусаллат бошанд, аз роҳҳои илмиву ақлонӣ метавонанд, аз пайи ҳалли мушкили хеш бошанд. Аз тарафи дигар, дар ҷаҳони муосир пайи ҳалли ҳар гуна мушкил равияҳои муайяни илм таъсис ёфтаанд ва ҷомеаҳо ба хотири ҳалли ин гуна мушкили дар онҳо ҷойдошта ниҳодҳо ва сохторҳоро бо ҳадафу вазифаҳои нав ба миён овардаанд, ки аз ин роҳ метавонанд ба вазъиятҳои гуногуни афрод расидагӣ намоянд ва онҳоро то андозае аз роҳи ақлу хирад ба оромиш бирасонанд.

Имрӯз ҷомеаи моро низ зарур аст, то баҳри кам кардани шиддати хурофазадагӣ, пеш аз ҳама, таваҷҷуҳ ва аҳаммияти вижа ба мактабу маориф, донишомӯзӣ ва огоҳии илмӣ аз ҳаводису воқеиёти ҷаҳон бештар зоҳир намоянд.

Он гоҳ муқовимати иҷтимоӣ дар баробари ҳама гуна руҳия, фазо ва тафаккури хурофотӣ ба миён меояд ва ором – ором ҷомеа тамоюл ба навгароӣ ва илму хирад менамояд. Ҳар қадар сафи донишманду рӯшангар дар ҷомеа афзояд, ҳамон қадар осебпазирии иҷтимоӣ кам хоҳад шуд ва ҷомеа рушд хоҳад кард.

Исомиддин ШАРИФЗОДА,
номзади илмҳои фалсафа

МАЗАММАТ

Хоин аҳду вафо чӣ донад?

Мардуми сарбаланди Тоҷикистон ҳамасола 27-уми июн – Рӯзи Ваҳдати миллӣ, санаи ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро ҷашн мегиранд, ки шаҳодати тантанаи азми қавию талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ҷаҳониён Пешвои муаззами тоҷиконро ҳамчун меъмори сулҳу ваҳдат эътироф кардаанду ба садоқату мардонагии ин абармард эътимоди қавӣ доранд. Хуб медонанд, ки маҳз иродаи матин, устуворӣ дар аҳду вафо ва пуртоқативу дурандешии ин симои барҷастаи таърихӣ Тоҷикистонро аз парокандагиву нобудшавӣ эмин дошт.

Мутаассифона, аъмоли баъзе нафарони зишту манфур ба тинҷиву осудагии давлат халал ворид месозанд.

Ҳирси молу баднафсӣ, худхоҳиву худпарастӣ, беақливу кӯтоҳандешии баъзе афрод аз ҳиссиёти аҳду вафо, ватандориву миллатдӯстӣ болотар буда, онон ғорати мардуми кишварро ҳадафи худ қарор дода буданд. Бо истифодаи феъли атвори қабеҳу ғайриинсонии баъзе афрод хоҷагони ифротзадаи хоричӣ ба онҳо маблаг медоданду бар зидди давлат шӯр меандохтанд. Бадбахтона, дар ин амал гоҳе муваффақ ҳам мешуданд. Зеро палидони баднафси ҳарисро ченак молу мулк, маблаг буду ҳатто омода буданд, ки волидону пайвандони худро бо пул бадал созанд. Барои ин ба нафарони бевиҷдони разили думрави Иблис фарқе надошт, ки ҳолу аҳволи мардум, тақдири Ватан, шаъну эътибори миллат кучо меравад?!.

Хушбахтона, дар Тоҷикистон сулҳу ваҳдат пойдор гашту чархи таърих нотавонбинонро пахшу нобуд сохт. Ҳайҳот, ки тӯдае аз иблиссифатон боқӣ монда, фирори Ватан кардааанду пайвандони худро шармсор.

Тамоми оламиён тавассути моҳвораву ҳамоишҳои бешумори байналмилалӣ, саёҳати бевосита ва сарчашмаҳои дигари иттилоотӣ бохабар аз дастовардҳои беназири даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон таҳти сарвари Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Ба ақлу хиради азалӣ, матонату садоқат, дурбиниву дурандешӣ, меҳанпарастӣ, ғурури миллӣ ва фазилатҳои дигари инсонии ин абармарди таърихӣ ҚОИЛАНД, ки дар баҳри пурталотуми сиёсати замони муосир Тоҷикистони кучак тавонистааст, ки мақому манзалати хосаро соҳиб гардад. Ҳифзи манфиатҳои миллӣ, саҳм гузоштан дар пешрафти ҷомеа, бо заҳматҳои ҳамешагӣ баланд бардоштани обрӯву эътибори мамлакат бояд вазифаи ҷонии ҳар як шаҳрванди ҷумҳуриамон бошад.

М. СОБИРОВ,
мудири кафедраи экология ва ҳифзи табиати факултети геоэкология ва туризми ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров,
Ш. НУРМАТОВ,
докторанти PhD, факултети геоэкология ва туризми ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров

Бовар ба он ки туро дӯст медоранд, хушбахтиест воқеӣ.
Виктор Гюго

«Омӯзгор» №4, 25 январи соли 2024

СУННАТИ НИЁГОН

Соли 2023 бо пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чандин давлати Шарқ Сада ба Феҳристи ғайримоддии ЮНЕСКО дохил шуд. Сада иди қадимаи халқи тоҷик ва мардуми Машриқзамин мебошад. Он дар дарозои таърих сайқал ёфта, вобаста ба шароити замон ва сиёсати вақт оҳангу маъниҳои нав пайдо намудааст. Ниёгони мо ҷашнҳои Сада, Наврӯз, Тиргон ва Меҳргонро «Ҷашнҳои чоргона» номидаанд, ки аз дигар иду маросим хусусиятҳои фарққунанда доранд.

Муаррифи фарҳанги тоҷикон

«Сада ба монанди Наврӯз ва Меҳргон иди қадима аст, - ақида дорад профессори ДДБ ба номи Н. Хусрав, доктори илмҳои физика-математика Абдулҳай Комилӣ. - Ин маросими зироаткорон дар «Авасто», асарҳои Абурайҳони Берунӣ (973-1048), «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Наврӯзнома»-и шоир ва файласуф Умари Хайём ва дигарон зикр шудааст». Мардумшиноси машҳури рус Н.А. Кисляков навиштааст: «Идҳои Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада аз бузургтарин идҳои Эрони қадим ба шумор рафта, бо расму русуми хоса таҷлил мешуданд». Иди Сада, ба гуфтаи Муҳаммад Наршахӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абурайҳони Берунӣ ва Байҳақӣ, сад рӯз пеш аз Наврӯз ҷашн гирифта мешуд. Номзади илмҳои таърих, профессор Усто Ҷаҳонов мегӯяд, ки Садаро сад шабонарӯз пеш аз Наврӯз ҷашн мегирифтанд, ки он мутобиқи солшумории нав ба 30-31-уми январ рост меояд.

Аммо тоҷикони Вахё ва дигар маҳаллаҳои ин минтақа онро таҳти номи Ҳут мутобиқи солшумории нав - 28 феврал ҷашн мегиранд ва ин амал нишонаҳои Садаи қадимро нигоҳ доштааст. Мувофиқи навиштаҳои мардумшинос М. Раҳимов, бо ҳадафи омодагӣ ба ҷашни Ҳут ҳанӯз фасли тирамоҳ соҳибхоназанҳо бо мақсади омода сохтани таоми маросимӣ ба дохили «рӯғанчима» (кӯза барои нигоҳдории равған) равғани зард гузошта, болояшро бо хамир пӯшида, болои хамирро бо лой андова мекарданд. Кӯзаҳоро то фарорасии Ҳут нигоҳ медоштанд ва дар рӯзи ид ба шавҳаронашон месупориданд. Мардҳо кӯзаро ба аловхона (ҷойи баргузории иду маъракаҳо ва ҷамъомади ҳаррӯзаи мардҳо, ки масъалаҳои рӯзро муҳокима мекарданд) мебурданд. Дар рӯзи фарорасии Ҳут ҳар хонавода то 50-100 дона чапотӣ (нони маросимӣ ҳисобида мешуд) омода ва онро ба аловхона равон мекарданд.

Баъзе аз сокинони дигари деҳа ҳамроҳашон шир, ҷурғот, намак, инчунин, дегу табақу коса ва пиёлаву қошуқ мегирифтанд. Мардҳо дар аловхона таоми маросимии «рӯғанҷӯшӣ» пухта, дар зарфҳои ширу ҷурғотдошта нон реза карда, аз болояш равғани зарди доғшуда мерехтанд ва якҷоя тановул мекарданд. Ҳамин гуна таомро дар аловхона се рӯз пайи ҳам омода месохтанд. Ғайр аз ин, ҳар хонадон ба қадри тавон таоми дигар низ пухта, онро ба аловхона равон мекард. Сарватмандон гӯсфанд ё буз забҳ карда, онро яклухт пухта, ба ин макон меоварданд. Одатан чунин рӯзҳо дар аловхона хӯроки зиёд ҷамъ мешуд ва онро ба дигарон тақсим мекарданд. Дар омода ва тақсимоти таоми идона мардони калонсол иштирок мекарданд, зеро занҳо идро дар хонаҳояшон истиқбол мегирифтанд.

Дар давоми се рӯзи ҷашнгирии иди Ҳут дар аловхонаҳо аз ҳаррӯза дида зиёдтар гулхан меафрӯхтанд. Дар гирду атрофи он барои ҷӯшондани чой чойҷӯшҳои калони мисин ва чӯянӣ мегузоштанд. Ду-се нафар чойкашӣ карда, ин масъулиятро тамоми рӯз ба дӯш мегирифтанд. Сипас дар атрофи гулхан хурсандиву шӯхӣ, сурудхонӣ, мусиқинавозию рақсу бозӣ карда, саҳначаҳои масхарабозию ҳазлбор намоиш медоданд. Хуллас, маросиме, ки дар иди Ҳут дида мешавад, ба иди Сада монанд аст. Сурудҳои ба ҷашни Ҳут бахшида, ки иди зироаткорон аст, одамонро аз наздикшавии фасли баҳор ва айёми омода намудани асбоби деҳқонӣ ба киштукор огоҳ менамоянд. Вале баъзан дар моҳи феврал, хусусан, дар охири Ҳут, деҳқононро сардиҳои зиёди ғайричашмдошт интизор аст.

Бо мақсади он ки табиат ба ҳоли деҳқон раҳм кунад ва сардиҳо тезтар ба анҷом расанд, мардум боз дар аловхона ҷамъ шуда, дуои хайр хонда, чорвоеро забҳ мекарданд. Дар равғане, ки ҳанӯз фасли тирамоҳ дар «рӯғанчима» гузошта, барои Ҳут нигоҳ медоштанд, таоми ширрӯған омода карда, онро бо чапотӣ истеъмол мекарданд. Аз ин ҳама маълум мешавад, ки Сада иди тоисломӣ аст, зеро дар он давра чорабиниву иду ҷашнҳо дар аловхона бо пухтани намудҳои гуногуни таомҳо, сурудхониву рақсу бозӣ ва ҳазлу шӯхиҳо баргузор мешуд. Дар фарҳанги суннатии ниёкони мо муборизаи равшанӣ ва торикӣ нақши калиди дошта, ба ҷашни Сада низ алоқаманд мебошад. Дар ин давра сармо гирифта, баъдан ҳаво тадричан гарм мешавад. Хулоса, ҷашни Сада иди қадимаи тоҷикон буда, он муаррифи шоистаи халқи тоҷик ва таҷассумгари ҳаёти маънавии мардум мебошад.

Сафар ЭРКАЕВ,
дотсенти кафедраи археология, этнография ва диншиносии ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров

Ҷашни қадимаи миллат

Сада аз ҷашнҳои зебову қадимаи миллати некноми тоҷик аст. Ин ҷашн рамзи арҷгузорӣ ва иззату эҳтиром ба гармӣ, рӯшної, нур, меҳр, вафову сафо, муҳаббат ва ваҳдати замину осмон, одаму табиат, сериву пуриву фаровонист.

Афрӯхтани гулхан яке аз рукнҳои муҳимми ҷашни Сада маҳсуб меёбад. Дар атрофи он мардум хони ҷашнӣ ороста, суруду шеърхонӣ, рақсу бозиву хурсандӣ менамоянд. Оташ дар рӯзгори инсон ҳамсафар, гармӣ ва рӯшноии он асоси идомаи ҳаёт мебошад.

Кишоварзон ҳар сол фарорасии иди Садаро интизорӣ мекашанд. Барзгарон бо меҳр атрофи оташи муқаддас, ки ёдгории Сада мебошад, давр зада, ба фасли баҳор омодагӣ мегиранд.

Дар маъхазҳо омада, ки Сада мансуб ба адади сад, ки аслан, аз вожаи «Садак»-и паҳлавӣ реша гирифта, дар арабӣ ҳамчун вожаи сазақ ва садақ шакл гирифта, ҷашнест, ки дар баҳманрӯз ва баҳманмоҳ (шаби даҳуми баҳман) барафрӯхтани оташ тайи маросими хосса анҷом мегирад.

Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ бунёд ниҳодани ҷашни Садаро ба даврони подшоҳии Ҳушанг марбут донистааст.

Зи Ҳушанг монд ин Сада ёдгор,
Басе бод чун ӯ дигар шаҳрёр,
К-аз обод кардан ҷаҳон шод кард,
Ҷаҳоне ба некӣ аз ӯ ёд кард.

Абурайҳони Берунӣ бунёди ин ҷашни пуршукӯҳро ба даврони подшоҳии Фаридун нисбат додааст: «Обонрӯз аст аз баҳманмоҳ. Ва андар шабаш, ки миёни рӯзи даҳум аст ва миёни рӯзи ёздаҳум оташҳо зананд ба газву (чормағз) бодом ва гирд ба гирди он шароб хӯранд ва лавҳу шодӣ кунанд… Ва аммо сабаби номаш чунон аст, ки аз ӯ то Наврӯз панҷоҳ рӯз аст ва панҷоҳ шаб…»

Бояд қайд намуд, ки ҷашни Сада мисли Наврӯзу Меҳргону Тиргон дар ягон давру замон шукӯҳу эътибори худро (ҳатто, дар давраҳои исломӣ) аз даст надода, ҳамеша бо шукӯҳу ҷалоли хосса таҷлил мешуд. Дастархони ҷашнӣ, тибқи оини аҷдодӣ бештар аз донагиҳо (гандум, лӯбиё, нахӯд, наск, мош, арзан ва ғайра) омода мегардад, ки аз фарҳанги баланди дастархондории мардуми мо дарак медиҳад. Ғизоҳои ҷашнӣ, ба мисли қурутоб, умоч, далда, кашк низ хони ҷашниро оро медиҳанд.

Аёдати беморон ва дасти ёрӣ дароз намудан ба пирону дигар ниёзмандон низ аз рукнҳои муҳимми ин ҷашни пуршукӯҳ маҳсуб меёбад.

Фарангис НАҶМИДДИНОВА,
омӯзгори МТМУ №34-и шаҳри Душанбе

Аз сарчашмаҳои илмиву адабӣ бармеояд, ки Сада мисли Наврӯз ҳазорсолаҳо пеш аз мелод арзи ҳастӣ намудааст.

Дар миёни суннатҳои Сада гулхан афрӯхтан мавқеи асосӣ дорад. Ба ин маънӣ, ин ҷашнро метавон ҷашни мелоди оташ, яъне манбаи гармиву нур номид.

Сада ва гулхани меҳр

Дар замони истиқлол Сада баробари дигар маросиму суннатҳои миллии мо, аз ҷумла, Наврӯзу Меҳргон умри дубора пайдо карда, таҷлили ҳарсолаи он ба ҳукми анъана даромад ва соли гузашта дар радифи ҷашнҳои миллиамон ба қонунгузории мамлакат ворид гардид».

Зардушт дар «Авасто» чунин гуфтааст: «Ин нурро, ки дар баробараш истодаам, нури офариниши ту (Аҳуромаздо) медонам, онро ба манзилаи парастиши сӯ (қибла) мешиносам, ба василаи ин нур, ки заррае аз зарроти туст, хосторам, ки худамро бо нури ҳақиқати ту наздиктар кунам».

Олими машҳури тоҷик Абурайҳони Берунӣ дар «Осорул-боқия» чунин гуфтааст: «Эрониён пас аз он ки кабиса бартараф шуд, дар ин вақт (замони ҷашни Сада) мунтазир буданд, ки сармо низ аз эшон бартараф шавад ва давраи он ба сар ояд, зеро онҳо оғози зимистонро аз панҷ рӯзе, ки аз обонмоҳ (27 октябр) мешумориданд ва охири зимистонро, ки 10 рӯз ба баҳманмоҳ мегузашт, (яъне 30 январ) ба унвони Сада ҷашн мегирифтанд». Ҳаким Умари Хайём дар «Наврӯзнома», навиштааст: «…Ҳамон рӯзе, ки Заҳҳокро бигрифта ва мулк бар вай (Фаридун) рост гашт, ҷашни Сада бинҳод ва аз ҷиҳати фоли нек он рӯзро ҷашн кардандӣ ва ҳар сол то ба имрӯз ойини он подшоҳони некаҳд дар Эрону Тӯрон ба ҷой меоранд».

Таҳияи Ҷангибеки УЛФАТШОҲ,
«Омӯзгор»

Дар ноҳияи Восеъ варзишгоҳ барои 20 ҳазор ҷойи нишаст сохта мешавад.

БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ

Математикаро бояд донист

Зарурати истифодаи методҳои математикӣ дар фаъолияти илмӣ ва амалии субъекти иқтисодӣ исботи махсусро талаб намекунад. Беасос нест, ки иқтисодшиноси маъруфи америкоӣ Д. М. Кэйнс мегӯяд: «Иқтисодшинос бояд, ки дар дараҷаи муайян математик, таърихдон, ходими давлатӣ ва файласуф бошад. Ӯ бояд ҳолати хусусиро дар истилоҳи умумӣ ифода карда тавонад ва номуайяниву мушаххасӣ (абстраксияю конкрет)-ро дар ҳамон як парвози фикр пай бурда тавонад. Вай бояд ҳозираро дар олами гузашта барои фаҳмидани оянда омӯзад».

Иқтисодиёти ҳозиразамон методҳои дар асри 20-ум тараққинамудаи Л. В. Канторович, В. В. Леонтев, Е. Е. Слутскийро истифода мебарад.

Бузургиеро, ки фақат як қимат қабул мекунад, бузургии доимӣ меноманд. Бузургие, ки қиматҳои гуногун қабул мекунад, бузургии тағйирёбанда номида мешавад. Масалан, нисбат ба дарозии давра ба диаметраш бузургии доимӣ (адади ϖ) буда, миқдори мол ва нархи он бузургиҳои тағйирёбанда мебошад.

Агар мо дар байни математикаи элементарӣ ва математикаи олӣ сарҳади принсипалӣ (ҷиддӣ) гузоштанӣ шавем, он гоҳ инро танҳо дар хатти тафовути бузургиҳои доимӣ ва тағйирёбанда дидан мумкин аст. Математикаи элементарӣ бо бузургиҳое сарукор дорад, ки онҳо бо ададҳои бутун ё касрӣ, мусбат ё манфӣ, маълум ё номаълум, лекин ададҳои доимӣ вобаста мебошанд. Математикаи олӣ бузургиҳоро дар тағйирёбӣ муоина намуда, бузургиҳои тағйирёбандаро меомӯзад.

Бо осонӣ бовар ҳосил кардан мумкин аст, ки диққати иқтисодшиносро бузургиҳое ҷалб мекунанд, ки аксаран тағйирёбанда мебошанд. Маҳсулот, маҳсулнокии меҳнат, нарх, истеъмол, сарф кардан, шумораи аҳолӣ ҳам нисбат ба вақт ва ҳам нисбат ба фазо тағйир меёбанд.

Ба ҳамин тариқ, характери тағйирёбандагии бузургиҳои иқтисодӣ барои омӯхтани таносуби онҳо ба татбиқи методҳои математикаи олӣ боис мешавад. Ду намуди бузургиҳои тағйирёбандаро фарқ кардан лозим аст, яъне бевосита ва дискретӣ (фосиладор). Масалан, ченаки масоҳати киштукори хоҷагӣ, ҳосилнокӣ, зичии аҳолӣ ва ғайра бузургиҳои тағйирёбандаи бефосила буда, шумораи хӯшаи гандум, шумораи қувваи корӣ ва ғайра бузургиҳои тағйирёбандаи дискретӣ мебошанд. Вале дар бисёр ҳолатҳо барои содагии таҳлил тағйирёбандаҳои бефосила дида мешаванд. Ин дар он ҳолат мумкин аст, ки фарқи байни қиматҳои ҳамҳудудии онҳо нисбат ба худи бузургиҳо хеле хурд бошад. Ба ҳамин тариқ, асосҳои мафҳуми математикаи олӣ - мафҳуми вобастагии функсионалии байни ду тағйирёбандаро ба назар гирифтан мумкин аст, ки ҳар яке аз онҳо ин ё он қиматро қабул мекунанд. Умуман, вобастагии функсионалӣ аз он иборат аст, ки қимати як тағйирёбанда-функсия бо қиматҳои якчанд тағйирёбандаи дигар аргументҳо муайян карда мешавад.



Дар назарияи иқтисодиёт ва амалияи он функсияҳо татбиқи васеъ доранд: аз функсияҳои одии хаттӣ то функсияҳое, ки бо алгоритми муайян бо ёрии вобастагиҳои рекуррентӣ ҳосил шуда, алоқамандии мавқеи объектҳои омӯхташавандаро дар фосилаҳои вақтҳои гуногун нишон медиҳанд.

Дар баробари функсияҳои хаттӣ функсияҳои ғайрихаттӣ, ба монанди функсияҳои ратсионалии касрӣ, функсияҳои дараҷагӣ (квадратӣ, кубӣ ва ғайра), нишондиҳандагӣ, логарифмӣ, тригонометрӣ ва функсияҳои дигар истифода бурда мешаванд.

Дар иқтисодиёт аксаран функсияҳои зерин истифода мешаванд:

Функсияи фоиданокӣ (афзалиятнок), истеҳсолӣ, бароориш (намуди хусусии функсияи истеҳсол), талабот, пешниҳод, истеъмол – вобастагии ҳаҷми талабот, пешниҳод ва истеъмол барои молҳои алоҳида ва ё хидмат аз омилҳои гуногун (масалан, нарх, фоида ва ҳоказо).

Ҳодиса ва равандҳои иқтисодии дар таъсири омилҳои гуногун баамаломадаро ба назар гирифта, барои омӯзиши онҳо функсияҳои бисёртағйирёбанда васеъ истифода бурда мешаванд.

Агар бо таъсири омилҳои иловагӣ ин гуна омилҳо дар сатҳи муайян ба қайд гирифта шаванд, он гоҳ таъсири як омили асосӣ бо ёрии як тағйирёбанда омӯхта мешавад.

Некрӯз АКБАРОВ,
омӯзгори технологияи иттилоотии МТМУ № 8-и ноҳияи Мастчоҳ

АЗ ТАҶРИБА

Чанд мулоҳиза оид ба амали тақсим

Омӯзондани тақсим дар таълимгоҳҳо аз синфи дуюм оғоз мегардад. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки дар омӯзиши ин мавзуъ на танҳо хонандагони синфҳои ибтидоӣ, балки шогирдони синфҳои болоӣ низ душворӣ мекашанд.

Мафҳуми «тақсим» ишораҳои худро дорад: (:); (⊡); ⅓ каср тақсим; маротиба кам низ тақсим аст. Агар оид ба мавзуъ суҳбат аз чунин нақша-кластер оғоз шавад, барои хонандагон хотирмон хоҳад буд. Ҳамаи ададҳои яклухти аз 10 то 100-ро бо ададҳои аз 1 то 10 тақсим менамоем:

Намуна: *10:1, 10:2, 10:3, 10:4, 10:5, 10:6, 10:7, 10:8, 10:9, 10:10;*

Ин намуд тақсимҳоро дар алоҳидагӣ дида мебароем.

1. *60 : 1 = ----?* Ҷавоб чанд? Чаро? Қоидаро ба хотир оред.

2. *60 : 1 = ----*
3. *60 : 1 = ----*
4. *60 : 1 = ----*

Ҷавоби тақсимро ёфта шарҳ диҳед

5. *60 : 1 = ----*
6. *60 : 1 = ----*
7. *60 : 1 = ----*

Дар ин намуд, ҳосили тақсимро чӣ тавр меёбем?

8. *60 : 1 = ----*
9. *60 : 1 = ----*
10. *60 : 1 = ----*
11. *60 : 1 = ----*

Чӣ корро бояд ба анҷом расонем? Ин чӣ гуна тақсим аст? Шарҳ диҳед.

Намудҳои мушкилтари тақсимро дида мебароем.

Ба хонандагон мисолҳоро пешниҳод кунед. Хонандагон ҳар як тақсимро навиштаю ҳал карда, пешниҳод намоянд. Омӯзгор бояд назорати ҷиддӣ намояд, то ки хонандагон аз якдигар рӯбардор накунанд. Баҳогузориро дар асоси меъёри бисёрхола ба роҳ мондан ба манфиати кор аст.

Дараҷаи дониши хонандагонро доир ба ин намуди тақсим санҷида, муайян бояд кард, ки чанд дарсади хонандагон оид ба ин мавзуъ фаҳмиш доранд. Дар ҳолати наёфтани ҷавоби дуруст омӯзгор шарҳ медиҳад.

1) Дар ин намуд тақсим: *1619:16=---?* Кадом қоидаҳоро бояд ба хотир овард?

Тақсимро иҷро намуда, дурустии онро санҷед.

2) Ин намуди тақсими *(321:8)*-ро иҷро намуда, фикратонро гӯед.

3) Тақсими зерини *32040:4=?* ва *400800:2=---*-ро иҷро намуда, дурустиашро ба амали зарб санҷед.

4) Ин намуди тақсим *15000:300=?*-ро хаттӣ иҷро намуда пешниҳод намоед.

5) Дар ин намуд тақсим *0:124...?* Ҷавоби дурустро нависед. Аз китоби дарсӣ қоидаҳоро ба хотир оред.

6) Тақсими намуди *79:20=3* (бақия 19)-ро дида мебароем: Адади 79 холи умумии аз фанни математика гирифтаи хонандагон мебошад. Адади 20 шумораи умумии хонандагон аст. Агар гӯем, ки миёнаи арифметикии баҳои шумо «3» аст, хонандагони фаъол ин ҳисобкуниро дарк намуда, ба ин баҳои «3» розӣ намешаванд. Онҳо талаб менамоянд, ки аз таркиби бақияи адади 19 холи боқимондаи моро ёфта диҳед. Аз ин сабаб ба омӯзгор зарур аст, ки омӯзонидани «бутун»-ро ёд диҳад, зеро дар синфи ибтидоӣ бутун омӯзонида намешавад.

Тақсимро давом медиҳем: *79:20=3.9* холи миёнаи арифметикии хонандагон аст. Муҳокимарониро давом медиҳем: Дар таркиби адади *3.9* адади 3 калон аст ё адади *9-? 3....9 (<,>)*-ро гузоред. Чаро адади 3 аз адади *9* калон аст? *3>9.* Ин муқоисаро аз ҳаёти хонандагон мисол оварда, амалӣ нишон додан мумкин аст.



Хулоса, омӯзгоронро мебояд зимни муҳокимарониҳо оид ба ин мавзуъ саволҳои проблемавӣ гузошта, хонандаро ба ҷавоб додан водор созад. Омӯзгор метавонад ин маводро дар коғази нисбатан калон (дар шакли асбоби аёнӣ) дар тахтаи синф овехта, истифода барад ва ё дар синф нигоҳ дорад, то ки барои хонандагон хотирмон гардад.

А. ХОЛОВ,
А. ЯҚУБОВ,
омӯзгорони МТМУ №58-и шаҳри Ҳисор

ИҚДОМ

Мактаби нав бунёд мегардад

Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 10-и деҳаи Ревади ноҳияи Айнӣ соли 1973 ба таври финӣ сохта шудааст. Аз сохтмони он расо 53 сол сипарӣ гардид. Дар ин муддат онро ҳазорон нафар хатм карда, дар соҳаҳои гуногуни халқи ҷумҳурӣ ва берун аз он фаъолият доранд. Дар байни хатмкунандагон чанд нафар номзаду докторони илм ва ходимони давлатию сиёсӣ низ ҳастанд. Солҳои охир бинои муассиса хеле фарсуда шуда буд ва ин ҳолат кори таълиму тарбияро алалхусус, дар фасли сармо халалдор мекард. Таъмирҳои ҷорӣ чандон натиҷабахш намешуданд. Бинои муассиса дар ҳолати садамавӣ қарор дорад.

Омӯзгорону хонандагон дер боз дар дил орзуи бинои нави мактабро доштанд. Ниҳоят бахти онҳо омад карда, сохтмони бинои мактаб ба рӯйхати иншооти ҷашнӣ бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ворид карда шуд. Хурсандиву шодии аҳли муассиса ва деҳаро ҳадду канор нест.

Имрӯзҳо сохтмони муассиса оғоз ёфта, он рӯз дур нест, ки хонандагону омӯзгорони деҳаи Ревад машғулиятҳои худро дар бинои хуштарҳу замонавӣ бо тамоми шароитҳояш оғоз кунанд.

Ҳасан АЛИМЗОДА,
ноҳияи Айнӣ

АЗ ҲАР ХУСУС

Хонед, аҷиб аст!

Дар дунё моҳии хурдтарин Пандака пигмеа ном дорад. Дарозии он ҳамагӣ ҳашт миллиметр аст.

***

Дар таркиби организми одам 29 элементи химиявӣ, аз ҷумла, 40 килограмм оксиген, 20 килограмм карбон, 5 килограмм нитроген ва калтсий мавҷуд аст.

***

Қудрати шунавоии гурба се баробар аз шунавоии одам зиёдтар аст. Қувваи бинишаш шаш маротиба зиёд мебошад.

Фароҳамсоз Ҳотами ҲОМИД,
«Омӯзгор»

Барои дарёфти стипендияҳои Раиси шаҳри Душанбе озмун эълон гардид.

Муаллиф – офаридгори китоб, ҷомеа – офаридгори сарнавишти китоб.
Виктор Гюго

«Омӯзгор» №4, 25 январи соли 2024

ЧЕҲРА

Иродату саодати омӯзгор

Зебуннисо Иброҳимова беш аз 40 сол аст, ки дар ҷодаи омӯзгорӣ заҳмат мекашад.

Рӯзҳои аввали омӯзгориашро зуд-зуд ба хотир меоварад ӯ. То нисфи шаб мижа тах накарда, ба дарс омодагӣ медид, аммо ба дарс бе тайёрӣ омадани зумрае аз хонандагон ӯро ба ташвиш меовард.

-Ин гуна бе тайёрӣ омаданашон рӯзе ба сарам моҷарое хоҳад овард. «Аз камфаъолиятии шогирдонат маълум, ки барои бедор кардани шавқу рағбаташон аз роҳу усулҳои гуногуни таълим истифода накардаӣ. Агар аҳвол ҳамин гуна идома ёбад, дар ҷодаи омӯзгорӣ муваффақ шуданат амри маҳол аст», – гӯён ба дарсаш ворид шудани нафаре аз роҳбарияти мактаб ва ин гуна хулосабарорӣ карданашро пешгӯӣ карда истода, ташвишаш зиёд мешуд.

Рӯзе муовини директори мактаб баҳри санҷиши дониши шогирдони ӯ ба дарсаш иштирок карданро изҳор намуд.

Баъди ба ҳисоб гирифтани давомоту ташкили лаҳзаи фароғат мавзуи вазифаи хонагиро аз хонандагон пурсон шуд. Аксар сар хам карда, гӯиё чизеро нашунида бошанд, ба суоли муаллима ҷавоб намедоданд. Ҷавоби ду-се нафар ӯро қаноатманд накард. Назди муовини директори мактаб хеле хиҷолат кашид. Гумонаш ин буд, ки ӯро барои бе тайёрӣ ба дарс омадани шогирдон маломат хоҳад кард.

Муаллима дубора мавзуи гузаштаро ёдовар шуду ба шарҳи мавзуи нав пардохт. Одаташ ҳамин буд, ки агар гоҳе хонандагон бе тайёрӣ меомаданд, ӯ худ мавзуи гузаштаро такрор мекард. «Ҷӯшу хурӯши айёми наврасӣ ҳамин. Ҳушу ёди аксарашон ба шӯхиҳои бачагӣ банд. Ба дарки насиҳат ва ҳарфҳои пурқимати устодон он лаҳзае мерасанд, ки аз остонаи мактаб дур шаванд»,- аз нигоҳи илми равоншиносӣ ба рафтори шогирдонаш баҳогузорӣ мекард ӯ.

Шарҳи дарси гузаштаву баёни мавзуи нав ба муовини директори мактаб писанд омад. Ӯ қаблан аз маҳорату дониши муаллима огаҳ буду имрӯз аз бепарвоии хонандагон ба дарс ошуфтахотиру малӯл гардид. Хонандагонро сарзаниш карда, аз хусуси чӣ гуна ба касби омӯзгорӣ шуруъ намудани муаллимаашон ҳикоят кард, ки ин ҳама баъдан дар бедории завқи донишандӯзии хонандагон нақши муҳим бозид.

- Ҳайфи умри ҷавонатон, ки ба беҳудагӣ мегузаронед! Муаллима бароятон заҳмат мекашад, аммо шуморо парвое не. Шумо шояд надонед, ки муаллима то кадом андоза касбашро дӯст медорад. Агар дӯст намедошт, дар ин роҳ ҷасорат нишон намедод. Дарси гузаштаро такрор карданаш ҳам аз ҳисси дилсӯзиаш ба шумову касби дӯстдоштааш аст.

Пайи нақли муовини директор Зебуннисо гузаштаи на чандон дури ҳаёташро пеши рӯ меовард.

… Синфи даҳумро хатм мекарду дар дил орзую ҳаваси идомаи таҳсил дошт. Дониши аъло ва дар ҳамаи чорабиниҳои мактабӣ фаъолона ширкат доштанашро омӯзгорон ба назар гирифта, маслиҳаташ медоданд, ки таҳсилашро дар ягон мактаби олӣ идома диҳад.

Ба маслиҳати устодон сидқан розӣ буд ва дар назди падар рӯзе аз ин хусус сухан оғоз кард.

- Нияти дар Душанбе, дар мактаби олӣ таҳсил кардан дорӣ? Не-е, духтарам. Ин фикрҳои хомро аз сарат дур кун. Маро назди ҳамдеҳагон сарҳаму шармандаву забонкӯтоҳ накун.

- Охир, хондан чӣ бадӣ дорад, падар?

- Чӣ бадӣ дорад, мегӯӣ? Ту ҳоло тасаввур намекунӣ, ки баъди ба Душанбе рафтанат мардум гапҳое бофта намебороранд. «Ана, духтари Тағой ҳам шаҳрӣ шудааст. Шарм надошта, дар байни ҳазорон бачаи ношинос таҳсил мекардааст. Аз зурриёташон касе қадаме аз хонаашон дур намонда буду ин духтар хонда олим мешавам» – гуфта, дар кӯчаҳои шаҳр ҷавлон карда гаштааст. Ба баъзе лаққиҳо гап пайдо мешаваду аз субҳ то шом дар бораи ману ту қисса хоҳанд бофт. Аз ин хотир, маро таънасори мардум накун, духтарҷон! Умедам ҳамин, ки зуд ягон одами хуб ба хостгориат ояду бо обрӯву иззат туро ба шавҳар дода, хонаи ободу дидори фарзандонатро дида, армон шиканам.

Чун дид, ки падар ризоят доданӣ нест, дигар ҳарфе нагуфту баъдан ба амакаш, ки он замон дар вазифаи муовини директори мактаб фаъолият дошт, дарди дил кард.

- Парво накун, агар аз донишат дилат пур бошаду дохил шуда тавонӣ, саранҷоми кор ба дасти ман, – маслиҳат дод Фузайл- амак …

- Агар духтарони деҳа соҳибақл бошанду ояндаашонро фикр кунанд, ин амали неки Зебуннисоро давом медиҳанд. Бале, давом медиҳанд. Акнун замона дигар шудааст. Духтарон ҳам дар баробари ҷавонписарон бояд хонда, соҳибмаълумот шаванд. Духтари соҳибмаълумот дар оиладорӣ, дар тарбияи фарзандон ҳам муваффақ хоҳад шуд,- ба даҳони се ҳамсояи ғайбатчӣ мушти обдор задагӣ барин Зебуннисоро ҷонибдорӣ карда гуфт омӯзгор Сангинмурод Бобоев.

Зебуннисо аз падар пинҳонӣ ба донишкада ҳуҷҷат супорид. «Пеши дарёро баста мешаваду даҳони мардумро не»,-гуфтагӣ барин, ин кор пинҳон намонд. Сирри ба донишкада рафтани духтарашро аз забони ду-се бефаровездаҳон шунида, падараш бадқаҳр ба хона омад, то адаби духтару модари насиҳатгару роҳнамояшро диҳад.

Суханони додараш гӯиё ба сари қаҳри Тағой оби сард рехтанд. Чун ба лаби суфа нишасту суханони додарашро мулоҳиза кард, дар симояш на танҳо ягон зарра аз норозигиву қаҳру ғазаб осоре намонд, балки дар қаъри чашмонаш шуъалои ифтихор ба ҷилва омад:

- Ин амали Зебуннисо қаҳрамонист. Пас аз як мижа задан донишкадаро хатм карда, муаллима шуда меояд. Ду-се сол кор карда, таҷриба андӯхта, шогирдони хуб тарбия намояд, он гоҳ ҳама ба шумо аҳсан хоҳанд гуфт.

Соли 1979 Донишкадаи омӯзгории пойтахти кишварамон – ДДОТ ба номи С.Айниро бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм карду дар мактаби зодгоҳаш Симиганҷ ба фаъолияти омӯзгорӣ пардохт. Бо гузашти вақт дар ин касб муваффақ ва миёни хонандагону волидон соҳиби обрӯву иззату икром гардид.

Дар баробари касби омӯзгорӣ, дар пешбурди корҳои ҷамъиятӣ фаъолона ширкат меварзид. Ташаббускорию ғайратмандиаш ӯро раиси занони маҳалла гардонд. Дар ин вазифаи ҷамъиятӣ солиёни зиёд бахри ободии деҳа ва ба танзим овардани ҷашну маъракаҳо, таҳкими оилаҳои ҷавон саҳми арзанда гузошт.

- Омӯзгорро мебояд, ки дар ҳама ҷода намунаи дигарон бошад. Рисолати ӯ на танҳо таълиму тарбияи насли наврас, балки соҳибмаърифат гардондани аҳли ҷомеа аст, - мегӯяд Зебуннисо Иброҳимова.

Ӯ барои заҳмату дастовардҳои зиёдаш дар ҷодаи таълиму тарбия бо сипосномаву ифтихорномаҳои зиёди идораҳои мухталифи соҳаи маориф қадрдонӣ шудааст. Эҳтиромӣ ҳамдеҳагон ва шогирдони тарбиянамудаашро нисбат ба шахси худ низ аз он сипосномаву қадрномаҳо камтар намедонад.

Ҳикмат РОЗИҚ,
рӯзноманигор, шаҳри Ваҳдат

ШАМЪИ ХОТИРА

Самараи умр

Шахсони накукору накугуфтор ва накуном барои ба мақсадҳои инсонпарваронаи худ ноил гардидан зиёд талош мекунанд, то содиқонаву бошарафона дастёри мардум бошанд. Чунин ашхос ҷомеаро метавонанд бо илму хирад ва хислати нофеи худ бобаракат гардонанд ва дар ин ҷода муваффақ ҳам шаванд. Рисолати онҳо дар умри босамари хеш ҷомеаро бомаърифату босавод кардан будааст. Агар Одина Худойдод, яке аз шуҳратмандон ва собиқадори маорифи кишвар дар қайди ҳаёт мебуд, соли равон 96-сола мешуд.

Номбурда дар радифи онҳое қарор дошт, ки дар рушду нумуи илму маориф, фарҳанг ва тарбияи мутахассисони болаёқат хидматҳои шоистаеро анҷом додааст. Маҳз ба туфайли ҷидду ҷаҳд, иродаи қавӣ ва заҳматҳои тӯлониву пайваставу бедареғ худро дар ҷомеа чун роҳбари ғамхору инсони комил муаррифӣ кардааст.

Мавсуф пас аз хатми донишкада ва гирифтани маълумоти педагогӣ (ҳамсабақонашон аз номдортарин шахсиятҳо, ба мисли Ниёз Сафар, Абдусамад Фаттоев, Лақай Қармишев) дар соли 1951 ба зодгоҳи худ (ноҳияи Даштиҷум, ҳоло Шамсиддин Шоҳин) бармегардад. Соли 1951, дар он солҳои душвори баъдиҷангӣ, аввалан, кори омӯзгориро ба сифати директори мактаби деҳаи Нимдара оғоз мекунанд (дар ҳамон солҳо ба ҳофизи машҳур Одина Ҳошим дарс гуфтааст). Солҳои 1952-1954 ба шуъбаи маорифи ноҳия барои кор даъват мешаванд ва ба ҳайси мутахассис кор мекунад. Солҳои 1954-1955 дар мактаби деҳаи Кишт директори мактаб таъйин мегардад. Иродаи қавӣ ва кордонии эшонро дида, соли 1955 ба вазифаи раисии колхози Хирманҷоро пазируфта мешавад. Аммо дар ин мансаб як сол кор мекунанд ва боз ба таълиму тарбияи насли наврас бармегарданд. Соли 1956 директори мактаби деҳаи Миёнатук таъйин шуда, то соли 1958 дар он ҷо адои вазифа менамояд. Соли 1958 барои идомаи кори омӯзгорӣ (директори мактаб) ба деҳаи Сангонел фиристода мешавад ва то соли 1959 дар он ҷо мемонад.

Соли 1959 оилаи Одина Худойдод дар қатори ҳазорон нафари муҳоҷир аз деҳаи Сангонели ноҳияи Даштиҷум (ҳоло Шамсиддин Шоҳин) ба деҳаи Советободи совхози ба номи Саидқул Турдиеви ноҳияи Москва (ҳоло Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) кӯч мебанданд. Макони ноободеро, ки ҳама найзору бешазор будааст, мардуми қавииродаи кӯҳистон ба макони ободу зебо табдил доданд. Мактабу идораҳо қомат афрохтанд.

Одина Худойдод баробари омадан ба ин диёр дар яке аз биноҳое, ки барои истиқомат сохта шуда буд, таълиму тарбияро ба роҳ мемонад. Баъдан, бо ҷаҳду талоши зиёд ва кордонии ин марди қавииродa дар муддати кӯтоҳ мактаби замонавӣ сохта, талабагон аз синфи 1 то синфи 11 ба таҳсил фаро гирифта шуданд. Бо кӯшиши ӯ дар ҳудуди ин мактаб боғҳои зебо, майдончаи варзишӣ ва дигар иншоот бунёд гардиданд. Аз соли 1959 то соли 1974 ба сифати директори ҳамин мактаб (МТМУ №27), ки номи Афанасевро дошт, ифои вазифа намудааст.

Ҳамкорон, шогирдон ва тамоми мардуми диёр он касро дӯст медоштанд. Хулқи накуву одамияти баланди мавсуф ҳамагонро мафтун карда буд.

Устод Одина Худойдод хислати ҳамидаи меҳанпарастӣ ва завқи баланди ватандорӣ дошт, рӯзгори гузаштаро ба некӣ ёд мекард ва ҳаловат мебурд. Дар баробари корҳои ҷамъиятиву идорӣ ба фарзандони худ низ муносибати ҷиддӣ дошт. Аз худ се духтар (Нусратмоҳ, Назокатмоҳ, Низорамоҳ)-у чор писар (Музаффар, Борон, Муҳтабар, Мусаяб) ба ёдгор монд. Аз писарон ду нафар касби падарро пеша карданд. Писари калонӣ Музаффар Одинаев то нафақа баромадан аз касби муаллимӣ даст накашид ва дигаре Борон Худойдодов дар илми химия бо пажуҳишҳои худ яке аз олимони муваффақи соҳа гардид.

Дар тамоми давраи ҳаёт шиори ин марди нексиришт некӣ кардан, ёрӣ расондан будааст. Ба қавли Мавлоно Ҷомӣ:

Эй, ки пурсӣ, ки беҳтарин кас кист?
Гӯям аз қавли беҳтарини касон:
Беҳтарин кас касе бувад, ки зи халқ
Беш бошад ба халқ нафърасон.

Назрулло КАРИМОВ,
номзади илми филологӣ,
дотсент, устоди ДМТ

Хатмкардагони мактабҳои шаҳри Турсунзода дар таъмири муассисаҳо таълимӣ саҳм мегузоранд.

КИТОБИЁТ

Аз ҷумлаи фазилатҳои инсонӣ аҳли хирад ба накуномӣ бартарӣ додаанд. Накуномӣ барои ҳар фард шаъну шараф, ифтихор шукӯҳбахшу ҳуснорои зиндагист.

Ситоишгари Ватан

Бузургонамон фармудааанд:
Накуномӣ аз гетӣ онро сазост,
Ки кирдори ӯ хубу гуфтор рост.

Аз ин фазилати воло бархӯрдор аст ходими соҳаи фарҳанг ва шоири хушсалиқа Низомиддин Давлатзода. Ӯро ҳампешагону дӯстон ва атрофиёнаш ҳамчун инсони дорои хислатҳои ҳамида – батамкинию хушгуфторӣ, бохирадию инсондӯстӣ мешиносанду эҳтиром мекунанд. Ба як сухан, марди накуном аст Низомиддин Давлатзода. Беш аз чиҳил сол аст, ки дар хидмати аҳли фарҳанг қарор дорад ва низ пайваста шеър эҷод мекунад. Барои ӯ ҳам фарҳанг ва ҳам адабиёт, пеш аз ҳама, воситаи тавонои тарбияанд, ҷомеаро тарбия ва ба ҷодаҳои ростини ҳаёт ҳидоят мекунанд. Аз ин лиҳоз фарҳангу адабиёт иртиботи ҳамешагию ногусастанӣ бо маориф доранд, ҳадафашон, маромашон як аст. Вобаста ба ин, дар ашъори Н. Давлатзода таваҷҷуҳ ба ҷанбаи тарбиявии адабиёт бештар ба назар мерасад. Мекӯшад, ки тавассути каломи бадеъ хонандагонашро ба ватандӯстию накукорӣ ва хушрафторӣ даъват намояд. Ҳамин нукта дар китобҳояш «Сарбаландон», «Орзу», «Гарди шеър», «Ояти шаб», «Бо созҳо, бо сӯзҳо», «Боғи бобом», «Саҳнарез», «Розҳо бо созҳо»… равшан ба мушоҳида мерасад. Аз ин лиҳоз, китоби наваш «Иқболи мост – Истиқлоли мо» низ истисно нест. Шоир дар ин китоб низ бештар ба мавзуъҳои анъанавию писандидааш даст зада, дар ситоиши Ватан, муқаддасоти миллӣ, абармардони кишвар ва рангрезиҳои ҳусни диёр шеърҳои самимӣ ва равону дилчасп гуфтааст. Нидои шоир ба Ватан ифтихорбарангез аст (аз шеъри «Эй Ватан»):

Дар ҳавои богу бӯстон, эй Ватан,
Дар сафои чашмасорон, эй Ватан,
Дар ҷилои шуълаафшон, эй Ватан,
Гавҳари яктои мӣ, зинда бош!
Хонаи ободи мӣ, зинда бош!

Шоири ватанпарвар аз ҳама авҷу барор ва пирӯзиҳои кишвари азизаш ифтихорманд аст, ба вижа, аз вахдати миллат меболад, шукрона мекунад ва менависад:

То физояд вахдати мо борҳо,
Мо ба ҳам оем мисли қатраҳо.
Қатра-қатра чашмаҳо ҳосил кунем,
Чашмаро бар ҷӯйҳо моил кунем.
Ҷӯйҳоро сӯи дарёҳо барем,
Вахдати худро ба фардоҳо барем.

Шеърҳои «Парчами мо», «Фахри миллат», «Ватан», «Файзи вахдат», «Наврӯзи хушпай» бо меҳри саршор нисбат ба диёри арҷманд навишта шудаанд ва мазмуни баланди тарбиявӣ доранд. Дар маҷмуъ, китоби «Иқболи мост – Истиқлоли мо» идомаи навҷӯиву ҷустуҷӯйҳои адабии Низомиддин Давлатзода буда, дарак аз он медиҳад, ки ӯ минбаъд низ барои адабиёти тоҷик хидмати шоиста карда метавонад.

Чашмасори меҳр

Худодод Зайниддин шоири ҷавонест, ки бо сабку шева ва услуби хоси худ шеър мегӯяд ва ашъораш бо тасвиру баёни шевою рангин зуд мавриди таваҷҷуҳи аҳли адаб ва хонандагон гардидааст. Маҷмуаи тозаи шеърҳои шоир «Оинаи об» исботи ин гуфтаҳост. Дар пешгуфтори маҷмуаи мазкур бо номи «Тасбеҳи моҳ», ки ба қалами Шоири халқии Тоҷикистон Рустам Ваҳҳобзода тааллуқ дорад, вижагиҳои услубию маъноии ашъори сурудаи шоир таҳлил гардидаст.

Маҷмуаи «Оинаи об» аз қисматҳои «Муҳосираи зулмат», «Қуръони алам», «Дили шикаста» ва «Шуълаи имон» иборат буда, шеърҳои шоир ба мавзуъҳои гуногун, амсоли ситоиши соҳибдилони диёр, меҳру муҳаббати ватан, ишқу вафодорӣ, васфи Зан-Модар ва ғайра бахшида шудаанд. Шоир дар жанрҳои дубайтӣ, ғазал, рубоӣ, шеъри озод эҷод кардааст ва хеле ҳунармандонаю ҷолибу ҷозиб.

Аз ҷумла, дар ин ғазал мавқеи шаҳрвандии қаҳрамони ғиноӣ равшан ба мушоҳида мерасад:

Эй беватан, ба вахдати халқам халал макун,
Моро ҷудо зи ҳам ба ину он маҳал макун.
Эй зархариди аҷнабӣ, лаънат ба хоҷаат,
Бар рагми сулҳу вахдати миллат амал макун…

Ё дар рубоии мазкур ба василаи саноеи гуногуни бадеӣ манзараи баҳору Наврӯз тасвир шудааст:

Дарро бикушо, ки пушти дар Наврӯз аст,
Оташ ба кафаш баҳори нав гамсӯз аст.
Бар шоли сафеди дай, ки зад доги сияҳ,
Сӯзан сари даст духтари гулдӯз аст.

Дар умум, маҷмуаи ашъори «Оинаи об» аз такомули эҷодии шоир Худодод Зайниддин дар иншои шеър шаҳодат медиҳад.

Шодӣ РАҶАБЗОД,
«Омӯзгор»

«Фарҳангшиносӣ»



Бо ҳамин ном китоби дастаҷамъӣ (муаллифон Д. Латифзода, А. Арбобзода, Ф. Махсудзода, М. Умедов) тавассути чопхонаи «Истеъдод» нашр гардид. Он ба масъалаи асосҳои назариявии фарҳанг ва давраҳои инкишофи фарҳанги бисёрасраи халқи тоҷик бахшида шудааст. Китоб дар асоси омӯзиш ва таҳлили муқоисавии фарҳанги ватанӣ дар робита бо фарҳанги ҷаҳонӣ, давраҳои тоинқилоби Шуравӣ, пасошуравӣ ва замони соҳибистиқлолӣ таҳия шуда, дар он дастовардҳои соҳа ҷамъбаст гардидаанд.

«Фарҳангшиносӣ» ҳамчун воситаи таълимӣ дар асоси барномаи таълимии фанни фарҳангшиносӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва илм барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар тавсия шудааст.

Ҳотами ҲОМИД,
«Омӯзгор»

Ҳар касе, ки дили бедор дораду меҳру муҳаббат ба сухан, ба каломи бадеъ ва пайваста китоб мутолиа мекунаду то ҷое аз олами адаб огаҳманд аст, ба тадриҷ дар ӯ майлу хоҳише рӯ мезанад, ки худ ҳам қалам ба даст бигираду нерую тавонашро дар арсаи эҷод бисанҷад.

Бо ту ман дар рӯи тахтам, эй Ватан

Афроди зиёде ба ин ҳолат дучор омада, иддае комёб гардидааанду чанди дигар ба нокомӣ печидаанд. Абдулҳомид Шакурӣ (Муҳаммадшакур Ҳалимов) аз ҷумлаи аввалиҳост. Ӯ аз овони мактабхонӣ ҳавасу таваҷҷуҳ ба адабиёти бадеӣ дошт ва тақдир ӯро ба пайраҳаи дигар кашида бошад ҳам, аз шеъру шоирӣ дил наканд, шуълаи меҳраш дар дил нисбат ба адабиёт фурӯзон монд. А.Шакурӣ хатмкардаи Донишгоҳи алоқаи Осиёи Миёна дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад ва солҳо боз дар вазифаҳои масъули бахши алоқаи Тоҷикистон (дар шаҳри Душанбею ноҳияи Ёвон) бомуффавақият кор мекунад. Аз оғоз ҳамбаста ба фаъолияти расмиаш ба навиштани мақолаҳо ва ба суратгирӣ машғул мешуду бо чанде аз нашрияҳои ҷумҳуриявӣ ва бештар бо нашрияи ноҳиявӣ (Ёвон) ҳамкорӣ дошт. Гоҳ-гоҳ машқи эҷоди шеър ҳам мекарду қаламашро сайқал мебахшид. Солҳои охир нисбатан ҷиддитар рӯй бо шеър овард ва як даста шеърҳое эҷод кард, ки ғолибан ба мавзуъҳои Ватану ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, муқаддасоти миллат ва накукорию меҳру муҳаббат бахшида шудаанд. Ӯ шукргузор аз ватандорӣ буда, аз истиқлолу пешрафту шукуфоии Тоҷикистони азиз ифтихор дорад. Саногӯй ба Пешвои миллат барои ин ҳама азму талошҳо баҳри ободии Ватан, баҳри шарафмандии миллат ва баҳри таъмини сулҳу вахдату фаровонию осоиштагист:

Сано бар Пешвои миллати мо,
Нишон аз Оли Сомон-Раҳбари мо.
Сано бар Сарваре, ки тозакор аст,
Бувад хуршеди миллат дар сари мо.

Ватанро самимона дӯст медорад ва аз ин ҷост, ки дар аксар навиштаҳояш онро мухотаб қарор дода, чун дар ин қитъа:

Бо ту ман дар рӯи тахтам, эй Ватан!
Бо ту ман осудабахтам, эй Ватан!
Ҷун сипар ҳастӣ бароям, бо ту ман
Дар амон аз рӯзи сахтам, эй Ватан!

Охири соли гузашта Абдулҳомид Шакурӣ нахустин маҷмуаи шеърҳояшро бо номи нишотбахши «Тоҷикистонам, ба пеш!» ба чоп расонд, ки дар он ҳама ашъор аз нигоҳи мазмуну мухтаво пайванди қавӣ бо ҳамин нидои машҳури ватандӯстонаи Пешвои миллат доранд. Шеърҳои «Сано бар Пешво», «Ҳумои бахти мо», «Ватан», «Деҳаи ман», «Тоҷикистон», «Хуросон», «Роғун», «Дуои модар»… шаҳодат медиҳанд, ки ӯ дар эҷоди шеър роҳу равиши хешро дарёфтааст ва минбаъд метавонад ба комёбиҳои бештар ноил бигардад.

А. МУРОДӢ,
«Омӯзгор»

АДАБИЁТ

Интиқодгари замон

Убайди Зоконӣ дар таърихи адабиёти классикии тоҷику форс яке аз чеҳраҳои маъруфу намоён буда, бо осори насрию назмии худ дар рушду таҳаввули адабиёти мазкур саҳми мондагор гузоштааст. Дар байни асарҳои Убайди Зоконӣ «Рисолаи дилкушо» ҷойгоҳи назаррасу шоиста дошта, асосан, латифаҳои тунду намакин ва зарофатомезро дар бар гирифтааст. Ин асар бо ду забон – арабӣ ва тоҷикӣ навишта шудааст. Қаҳрамонони латифаҳо дар ин асар шахсони боҷасорату ҳозирҷавобе, амсоли Талҳак, Хуросонӣ, Ҷуҳо, Қазвинӣ мебошанд, ки аз байни мардуми заҳматкаш баромадаанд. Аз ҷумла, дар ҳикояти зер бо ҳаҷви нозук, ки аз суханони табиб бармеояд, ҳозирҷавобию ҷасорати ӯ ба мушоҳида мерасад:

«Ҳокими Нишопур – Шамсиддин табибро гуфт:

– Ман ҳазми таом наметавонам кард, тадбир чӣ бошад?

Гуфт:

– Хазмшуда бихӯр».

Дар латифаи дигар ба таври олӣ ва созгор дар мавқеи худ Талҳак подшоҳ Султон Маҳмуди Ғазнавиро ба боди масхара мекашад.

«Султон Маҳмуд рӯзе дар ғазаб буд. Талҳак хост, ки ӯро аз он малолат берун орад.

Гуфт:

– Эй Султон, номи падарат чӣ буд?

Султон биранҷид, рӯй бигардонид. Талҳак боз баробар рафт ва ҳамчунин савол кард.

Султон гуфт:

– Мардаки қалтабони саг, ту бо ин чӣ кор дорӣ?

Гуфт:

– Номи падарат маълум шуд. Номи падари падарат чун буд?

Султон бихандид».

Хусусияти барҷастаю муассири асарҳои мансури Убайди Зоконӣ дар он аст, ки тасвир ва ҳусни баён дилчасп, муҷазу ихчам буда, нуқтаи баланди зарофату мутоиботи интиқодиро дороанд. Аз ҷумла, дар «Рисолаи садпанд» андешаҳои ҳаҷвомези нависанда бо ҷумлаҳои алоҳида ифода гардида, маънию моҳияти махсус доранд. Таври мисол:

1) Эй азизон, умр ғанимат шумаред!
2) Вақт аз даст мадиҳед!
3) Рӯзи нек ба рӯзи бад мадиҳед!
4) Ҳозирвақт бошед, ки умр дубора нахоҳад буд.
5) Бар худписандон салом мадиҳед!...

Дар рисолаи «Даҳ фасл», ки ба тариқи луғат навишта шудааст, аксаран андешаҳо ба маънои киноя оварда мешаванд ва дар зимни шарҳи онҳо баъзе масоили иҷтимоии онзамона ҳаҷв ва танқид карда мешавад.

Чанд намуна:
Ал-ҷоҳил – *давлатёр*
Ал-ҳасис – *молдор*
Ал-ришват – *корсози бечорагон...*

Дигар аз асари мансури танзомези Убайди Зоконӣ «Ахлоқ-ул-ашроф» ба шумор меравад, ки солҳои 1339-1340-и мелодӣ эҷод шудааст. Асари мазкур аз 7 боб иборат буда, Убайд дар он умдатарин масоили фалсафаи ҳаётро ба миён гузошта, бо овардани ҳикоятҳои воқеӣ ва тамсилӣ андешаҳояшро ҷамъбаст мекунад.

Убайди Зоконӣ бо донишмандию заковат ва табъи баланду лутфи сухан шоирони ҳамасри худро мафтун карда буд.

Мавзуна ГУЛОВА,
омӯзгори МТМУ №73-и ноҳияи Рӯдакӣ

Дар шаҳри Душанбе аввалин Платформаи рақамии сайёҳии «Tour.tj» муаррифӣ шуд.

Такаббур неруест қавӣ андаруни мо, ки бар зидди мо кор мекунад.
Виктор Гюго

«Омӯзгор» №4, 25 январи соли 2024

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ озмун эълон менамояд

1. Сардори раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм – 1 ҷой (категорияи 1), маоши мансабӣ 3300,35 сомонӣ.

2. Сармутахассиси раёсати илм ва инноватсия – 1 ҷой (категорияи 5), маоши мансабӣ 1660,00 сомонӣ.

3. Сармутахассиси шуъбаи низоми ахборотии идоракунии маориф ва илм – 1 ҷой (категорияи 5), маоши мансабӣ 1660,00 сомонӣ.

4. Сармутахассиси шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ - 2 ҷой (категорияи 5), маоши мансабӣ – 1660,00 сомонӣ.

5. Сармутахассиси шуъбаи коргузорӣ ва назорати ичро - 1 ҷой (категорияи 5), маоши мансабӣ – 1660,00 сомонӣ.

6. Мутахассиси пешбари раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм – 1 ҷой (категорияи 6), маоши мансабӣ 1352,90 сомонӣ.

7. Мутахассиси пешбари раёсати муносибатҳои байналмилалӣ – 1 ҷой (категорияи 6), маоши мансабӣ 1352,90 сомонӣ.

8. Мутахассиси раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак – 1 ҷой (категорияи 7), маоши мансабӣ 1112,20 сомонӣ.

9. Мутахассиси шуъбаи сифати таҳсилот – 1 ҷой (категорияи 7), маоши мансабӣ – 1112,20 сомонӣ.

Иловапулӣ ба маоши мансабӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали тарифӣ пардохт карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳои зарурии пешниҳодшаванда:

– ариза ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ бо шакли дар замимаи 1 пешбинигардида;
– варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона расми андозаи 4х6);
– тарҷумаи ҳол;
– нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
– нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
– маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ дар шакли 038;
– маълумотнома аз ВКД (оид ба доғи судӣ);
– нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда;
– маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;
– нусхаи шиноснома;
– нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд).

Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби сардори раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм:

– таҳсилоти олии касбии ихтисоси иқтисодӣ, ки ичрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ва ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– донистани Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– малакаи озодона ҳарф задан ва навиштан бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (донистани забонҳои хориҷӣ афзалият дорад);
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби сармутахассиси раёсати илм ва инноватсия:

– таҳсилоти олии касбии гуманитарӣ, техникӣ ё табиӣ, ки ичрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– донистани Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби сармутахассиси шуъбаи низоми ахборотии идоракунии маориф ва илм:

– таҳсилоти олии касбӣ иқтисодӣ, ки ичрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– донистани Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби сармутахассиси шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ:

– таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ, ки ичрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– донистани Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби сардори раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм:

– таҳсилоти олии касбӣ иқтисодӣ, ки ичрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– донистани Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мутахассиси пешбари раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм:

– таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ, ки ичрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– донистани Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мутахассиси пешбари раёсати муносибатҳои байналмилалӣ:

– таҳсилоти олии касбии муносибатҳои байналмилалӣ ё гуманитарӣ, ки ичрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– донистани Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мутахассиси раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак:

– таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбии ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ё гуманитарӣ, ки ичрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– донистани Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мутахассиси шуъбаи сифати таҳсилот:

– таҳсилоти олии ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки ичрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– донистани Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ ва забони давлатӣ;
– мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– малакаи кор бо компютер.

Ҳуҷҷатҳо аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати 21 рӯз баъди чопи аввалини эълон дар шакли хаттӣ ва электронӣ қабул карда мешаванд.

Суроғa: шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад-13А.
Телефон: 221-37-65, 227-67-07, факс: 221-70-25.
Суроғаи электронӣ: kadr@maorif.tj, **сомона:** www.maorif.tj

Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Вазорати маориф ва илм

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи А №088065 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1996 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Назарова Идигул Сохибовна додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТУ №0157870, ки онро соли 2015 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Ғуломов Мустафо Ҳабибуллоевич додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТУ №0477498, ки онро соли 2011 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Сирожов Шоҳин Тожидинович додааст, эътибор надорад.

Раёсат, иттифоқи касаба ва кормандони Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба мудири бахши муҳосибот Бахтиёр Зулфонов ба сабаби даргузашти **МОДАРАШ** изҳори ҳамдардӣ менамоянд.

Устодону омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 46-и ноҳияи Рӯдакӣ аз даргузашти ҳамкори худ, собиқадори маориф **Мирзошариф РАҲМОНОВ** андуҳгин буда, ба хешу табор ва пайвандони марҳум изҳори ҳамдардӣ менамоянд.

Аҳли дар ҳаҷ ҳаҷаҳо ҳаҷ ҳаҷ ҳаҷ, Шавад ҳаҷ ҳаҷ ҳаҷ ҳаҷ ҳаҷ.

ҲАФТАНОМА АЗ 26-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

И.В. САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА 225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Абдулло РАҲМОНЗОДА
Ҷамшед ҶӮРАЗОДА
Зиёдулло АБДУЛЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Дилшод САФАРЗОДА
Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Абдурауф МУРОДӢ 225-81-58 (ҷонишини сармуҳаррир)
Насриддин ОХУНЗОДА 225-81-57 (котиби масъул)
Шодӣ РАҶАБЗОД (муҳаррири шуъба)
Ҳотами ҲОМИД 225-81-57 (муҳаррири шуъба)
Салима МӮСОЕВА (муҳаррири шуъба)

МУХБИРОНИ МИНТАҚАВӢ
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ (ВМКБ)
Шарифи АБДУЛҲАМИД, Суҳроб АЗИЗӢ (вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА (вилояти Суғд)

Набичон НАБИЕВ 225-81-61 (масъули обуна)
Мадина ДИЛОВАРОВА (хуруфчин)

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба ухда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Айнӣ - 126.

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 41544 нусха

Почтаи электронӣ:
n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома:
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора: А. Муродӣ